>> №24 (85) Чоршанбе, 16 июни соли 2010

# Воргоҳи Сухан

Дар ин айём, ки ҷисми зиндагӣ урёну гирён аст, ◆ Сухан нолон, сухан гирён, сухан ҳам низ урён аст



# ЁРИИ КӢ ДАР СУХАН МОНДА, АЗ КӢ АМАЛӢ ШУДА...

сах. 8-9





# КӮДАКОН БАРОИ КӢ КОР МЕКУНАНД: барои худ, ё ояндаи ватан?

саҳ. 7

## Ваъз



*Маҳомоти ҳифзи ҳуқуқи маҳаллӣ дар сар задани ин бетартибӣ даст доштани бародарони президенти сарнагуншуда ва намояндагони гурӯҳҳои силоҳбадасти тоҷикро мебинанд. Ба гуфти Мақсуда Айтиева, директори иҷроияи «Маркази ресурсии ВАО дар Ӯш» дар сӯҳбат бо намояндаи РКД-и шаҳри Ӯш Замир Содиқов маълум шудааст, ки дар шаҳр ва гирду атрофи он гурӯҳҳои силоҳбадасте ба назар мерасанд, ки бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд*

саҳ. 5

## Тоҷикон дар бетартибиҳои Қирғизистон

## «Флинт» дар Душанбе қалбакӣ шудааст

Ман ба ҳамаи кормандони маҳомоти андоз, агентии «Тоҷикстандарт» ва нафарони масъули дигар пешниҳод мекардам, ки вақти саҳар мошинҳои яхмос, нони хушк (сухарики), картошкаи хушк (чипси) ва маҳсулоти дигари хӯрокворииро, ки ба мағозаҳои лоақал назди хонаашон меоянд, тафтиш кунанд! Масалан, ман дирӯз дар як мағозае вақти саҳар мушоҳида кардам, ки нони хушки истеҳсоли Украина бо номи «Флинт» дар халтаҳое ба мағоза дароварда шуд, ки аслан ҳақиқӣ будани онро зери суол мебарад. (давомаш дар с.11)

## Тасмим

*Шаҳрдории Душанбе эълон кардааст, ки аз ин ба баъд барои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ барои шаҳрвандон қитъаҳои замин ҷудо карда нахоҳанд шуд. Ҳамчунин эълон шуд, ки тамоми биноҳои “пастошёна” дар хиёбонҳои Аҳмади Дониш, Айнӣ ва Рӯдакӣ аз байн бардошта хоҳанд шуд. Ин иқдом дар чорчӯби тадоркуоти омодагӣ ба ҷашни 90-мин солгарди таъсиси пойтахти Тоҷикистон амалӣ хоҳад шуд.*

саҳ. 3



## Ҳавлиҳоро аз Душанбе мебардоранд

# БОРГОҲИ ХАБАР

Боргоҳи Сухан

**Нишонии мо: Тоҷикистон,** ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, ошёнаи 14.

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Сармуҳаррир:** Сафват Бурҳонов
**Сайт:** http://safwat.web-box.ru
**E-mail:** safwat@mail.ru
**Тел:** (992) 93 585 20 00
**Муҳаррири бахши тоҷикӣ:** Шӯҳрати Ҳазратшоҳ
**E-mail:** shuhratihazratshoh@gmail.com
**Хабарнигор:** Фарангиси Музаффар
**Муҳаррири техникӣ:** Ш. Давлатшоев
**Муҳаррири бахши форсӣ:** Аҳмад Сияр Фақирӣ
**E-mail:** sair-safa@yahoo.com
**Тел:** 91 966 76 90
**Ҳуруфчин:** Умед Раҷабӣ
**Менеҷер:** Абдулло Шафиқ-оглы
**Мушовири редакция:** Патрик Обенг-Асиеду, Ph.D.
**E-mail:** patrick.obeng-asiedu@uconn.edu
**Директори тиҷоратӣ:** Холмуродов Умедҷон

Сухан

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

Муҳаммадҷон Шакурӣ -академик
Мӯъмин Қаноат - Шоири халқии Тоҷикистон
Фарзона - Шоири халқии Тоҷикистон
Алиасғари Шеърдӯст - Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон
Шамсулҳақи Ориёнфар -атташеи фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон
Бурӣ Карим - раиси маҳфили фарҳангии «Боргоҳи Сухан», профессор
Абдунабӣ Сатторзода - профессор
Худой Шариф - профессор
Ҷамолиддин Тошматов -номзади илмҳои таърих

**Муассис:**

**Маҳфили фарҳангии «Боргоҳи Сухан»**
**Роҳбари лоиҳа:**
Бӯрӣ Карим

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №223 аз 19.04.02 ва дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0143/РЗ номнавис шудааст.

Ҷиҳати риояи гуногунандешӣ дар нашри матолибе низ ба табъ мерасад, ки идора ба он ҳамфикр нест. Ба дурустии далелу маълумоти матолиби дарҷшаванда муаллифон масъуланд.

**НИШОНӢ:**

ш.Душанбе, маҳаллаи Зарафшон-1.
«Боргоҳи Сухан»
Телефон 237-28-68
Нишонии электронӣ:
E-mall: borkohisuhan @mall.ru
http://borgoh.wordpress.com

Ҳафтанома дар матбааи МҲҲҲ «Мушфиқӣ» ба чоп гардидааст.

Ҳафтанома бо дастгирии техникии САҲА ба таъб расид.

# Назорати президент аз рафти корҳо

***13 июн Эмомалӣ Раҳмон ба минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон сафар кард. Ҳадафи асосии сафар шиносоӣ бо вазъи зиндагиву рӯзгори мардум пас аз харобкориҳои офати табиӣ, рафти бартарафсозии оқибати он, назорат аз бунёди манзилҳои нави истиқоматӣ барои оилаҳои зарардида, таҳлилу баррасии ҳолати корҳо дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон буд.***



Сафари корӣ ноҳияи Шӯрообод оғоз ёфт. Дар натиҷаи омадани сел дар ин ҷо хонаҳои 13 оила пурра хароб шуда, манзилҳои зиёди дигар қисман зарар дидаанд.

Аз оилаи Бозоровҳо, ки аз 7 нафар иборат буданд, падару модар бо 2 писару як духтараш тӯъмаи селоб шудаанд. Аз 5 кас ҷасади танҳо як нафар ёфт шудааст. Тибқи баъзе маълумоти тасдиқнашуда ҷасади 3 нафари дигар дар соҳили чапи дарёи Панҷ, дар ҳудуди Афғонистон ёфт шудааст.

Баъди сӯҳбат ду бародаре, ки аз як оилаи калон боқӣ мондаанд, Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти ноҳияи Шӯрообод дастур дод, ки писари калонӣ Бахтиёрро хонадор карда, дар ҳамин наздикӣ соҳиби ҷойи кор кунанд. Самандар, ки орзуи хонда, афсари ҳарбӣ шудан дорад, бо квотаи Президентӣ ба факултаи ҳарбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон қабул хоҳад шуд.

Сохтмони 13 хонаи нав идома дорад. Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки ҳамаи оилаҳои ин ноҳия, ки дар мавзеъҳои хавфнок зиндагӣ мекунанд, тадриҷан ба ҷойи нав кӯчонда шаванд.

Сипас, президент аз ноҳияи Шӯрообод ба ноҳияи Мӯъминобод рафт. Дар ин ноҳия барои 10 оила манзилҳои нав сохта, бо тамоми ашёи рӯзгор онҳоро таъмин мекунанд ва ба наздикии 250 оила қитъаҳои замини назди ҳавлигӣ дода мешавад. 39 оила, ки хонаҳояшон қисман хароб шудаанд, ба таври ройгон бо масолеҳи сохтмонӣ таъмин мешаванд. Ба тамоми оилаҳои зарардида кӯмаки яквақтаи пулӣ низ расонда шудааст. Дар маҳаллаи нав барои 320 нафар хонанда мактаби нав ва як бунгоҳи тиббӣ низ сохта мешавад. Шукрона Иқболоваи 21-сола, ки бемор ва маъюби гурӯҳи якум аст, аз ҳисоби маоши шахсии президент соҳиби тӯҳфаҳои қиматнок, аз қабили сарулибос, магнитофон, телевизор ва дигар ашёи рӯзгор хоҳад шуд.

Ҳамон рӯз президент ба шаҳри Кӯлоб рафта, дар 5 маҳаллаи нави аҳолинишин бо рафти сохтмони 600 хонаи истиқоматӣ шинос шуд. Вай таъкид намуд, ки то 25 августи соли равон ҳамаи хонаҳо бо тамоми ашёву асбоби рӯзгор барои ба зарардидагон тақдим намудан омода карда шаванд.

Ду хона аз ҷониби ноҳияи Ҳисор ва як хона бо қувваи бинокорони вилояти Суғд бунёд ёфтааст, аллакай ба соҳибонашон супорида шуданд. Дар ин мавзеъ Эмомалӣ Раҳмон санги асоси як мактаби навро, ки барои 1200 нафар хонанда гузошт, ки он бояд то моҳи сентябри соли оянда ба истифода дода шавад.

Президент дар назди масъулин бахри боз ҳам беҳтар кардани сифати корҳои сохтмонӣ, бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ, ғамхорӣ ба аҳолии зарардида ва анҷом додан дигар корҳои зарурӣ як қатор дастуру ҳидоятҳои иловагӣ дод.

# Ҳавлиҳоро аз Душанбе мебардоранд

***Аз хиёбонҳои маркази Душанбе биноҳои «пастошёна» кӯчонида мешаванд.***

Шаҳрдории Душанбе эълон кардааст, ки аз ин ба баъд барои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ барои шаҳрвандон қитъаҳои замин ҷудо карда нахоҳанд шуд. Ҳамчунин эълон шуд, ки тамоми биноҳои "пастошёна" дар хиёбонҳои Аҳмади Дониш, Айнӣ ва Рӯдакӣ аз байн бардошта хоҳанд шуд. Ин иқдом дар чорчӯби тадорукоти омодагӣ ба ҷашни 90-мин солгарди таъсиси пойтахти Тоҷикистон амалӣ хоҳад шуд.

Шаҳрдорӣ дигар наметавонад аз ҳисоби ноҳияҳои атрофи шаҳр замин ҷудо намояд. Сухангӯи раиси шаҳр Шавкат Саидов мегӯяд, ки ҳоло масоҳати Душанбе 12,6 ҳазор гектор аст ва пойтахти Тоҷикистон наметавонад масоҳати бештар аз инро дар ихтиёр дошта бошад. Сокиноне, ки то ҳол аз шаҳрдорӣ қитъаи замин нахостаанд, наметавонанд ба дарёфти қитъаи замине барои ҳавлӣ умед дошта бошанд. Бо дарназардошти камбуди замин дар Душанбе, шаҳрдорӣ дар ҷаласаи охирини худ тасмим гирфтааст, ба соҳибони ҳавлӣ иҷозат диҳад, ки дар ҷойи манзилашон шахсан ва ё бо гурӯҳи ҳамсояҳо хонаҳои баландошёна созанд.

Биноҳои ду ё сеошёна дар хиёбонҳои ба истилоҳ "протоколӣ", яъне, хиёбонҳои Аҳмади Дониш, Айнӣ ва Рӯдакӣ бо шумули маҳалли Чорбоғ аз байн бардошта шуда, дар ҷойи онҳо биноҳои баландошёна сохта мешаванд. Қимати ин хонаҳо барои соҳибонашон тибқи арзиши воқеии онҳо ҷуброн карда мешаванд.

Шаҳрдорӣ таъкид мекунад, ки бозсозии хиёбонҳои марказӣ бар асоси "Генплан" ё нақшаи бозсозии шаҳри Душанбе сурат мегирад.

Дар гузашта, иҷрои "Генплан" ва кӯч додани сокинони бархе аз маҳаллоти марказӣ пойтахти Тоҷикистон мавриди интиқоди шадиди ҷомеаи маданӣ ва ҳомиёни ҳуқуқи башар қарор гирифта буд. Зеро, он замон сокинони маркази шаҳр маъмулан ба манотиқи дуруфтодаи Душанбе кӯч дода мешуданд. Ҳамакнун шаҳрдорӣ тасмим гирифтааст, ба сокиноне, ки манзилашон вайрон карда мешавад, арзиши воқеии онро пардохт кунанд.

Коршиносон мегӯянд, ки баъд аз эълони тасмими шаҳрдорӣ дар бораи аз байн бардоштани чунин биноҳо, арзиши манзил дар Душанбе поён хоҳад рафт.





# Нархи роҳкиро ба пойтахт 50% баланд шуд

***Роҳкиро дар самти Душанбе-Қурғонтеппа ва Душанбе-Кӯлоб то ба 50% боло рафт.***

Ронандагон ба хабарнигори TojNews гуфтанд, болоравии қиммати бензин боис ба гарон шудани роҳкиро дар самти Душанбе-Қурғонтеппа, Душанбе-Кӯлоб ва нақлиёти дохили шаҳрии шаҳри Қурғонтеппа гардидааст.

Роҳкиро дар самти Душанбе-Қӯрғонтеппа аз 8-10 сомонӣ ба 13-15 сомонӣ расида, дар самти Душанбе-Кӯлоб аз аз 20-25 сомонӣ ба 30-35 сомонӣ дакка хӯрдааст. Дар маркази вилояти Халон шаҳри Қӯрғонтеппа, мардум бо пардохти як сомонӣ аз хизмати таксиҳо истифода мекарданд, баъди болоравии нархи бензин роҳкиро дар ин шаҳр бо истифода аз таксиҳо ба ду сомонӣ расид.

## Пули Роғун чӣ қадар шуд?

***Вазорати молия иттилоъ медиҳад, ки ба суратҳисобҳои сохтмони НОБ-и Рогун аз ҳисоби фурӯши саҳмияҳо ва сертификати саҳмияҳои ҶСК «НБО Рогун» бо дарназардошти кӯмакҳои молиявӣ ба таърихи 10-уми июн 819 миллиону 249 ҳазору 400 сомонӣ ворид гардид.***

Аз ҷумла бақия дар суратҳисобҳои БДА «Амонатбонк» 35 миллиону 236 ҳазору 901 сомонӣ, ҶСК «Ориёнбонк»-154 миллиону 795 ҳазору 300 сомонӣ, ҶСК «Агроинвестбонк» 118 миллиону 148 ҳазору 800 сомонӣ, ҶСП «Тоҷпромбонк» 11 миллиону 129 ҳазору 100 сомонӣ, ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» 20 миллиону 263 ҳазору 100 сомонӣ, ҶП «Бонки рушди Тоҷикистон» 2 миллиону 780 ҳазор сомонӣ, ҶСП «Фононбонк» 29 ҳазору 400 сомонӣ, ҶСК «Бонки Эсхата» 5 миллиону 500 сомонӣ ва дар хазинадории Вазорати молия 476 миллиону 861 ҳазору 299 сомонӣ маблағ нигоҳ дошта шудааст.

## Қочоқчиён бо 24 кило героин

***Дар вилояти Суғд як гурӯҳи мутташакилонаи кочоқчиёни маводи мухаддира бо 24 килову 965 грамм моддаи сахтаъсири ҳероин дастгир шудаанд.***

Дар ин бора ба TojNews аз Маркази иттилоотии Агентии назорати маводи нашъаовари назди президент иттилоъ додаанд.

Зимни як амалёти муштарак кормандони АНМН дар вилояти Суғд ин гурӯҳи муташакилро дастгир кардаанд. Арзиши маводи мусодирашуда дар бозори сиёҳи Тоҷикистон 175 ҳазор доллари ИМА ва дар Русия ва дигар давлатҳои ғарб ба якчанд маротиб зиёд будааст.

Нисбат ба дастгиршудагон парвандаи ҷиноятӣ тибқи моддаи 200-уми Кодекси ҷиноятӣ барои қочоқи ҳаҷман бузурги моддаҳои нашъаовар боз шуда, дар сурати пурра тасдиқ шудани далелҳои шаръӣ ҳар як гумонбаршуда аз 12 то 20 сол зиндонӣ хоҳанд шуд.

## Боз як қочоқчӣ бо 49 кг маводи мухаддир

***Ҳангоми гузарондани чораҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳудуди деҳаи 50-солагии Тоҷикистон, ҷамоати Комсомоли ноҳияи Фархори вилояти Хатлон шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ғулом Валади Саҳӣ, соли таваллудаш 1980, истиқоматкунандаи вилояти Тахор, улусволии Растак, дастгир карда шуд.***

Ҳангоми гузаштан аз марзи Тоҷикистон дар лаби дарёи Панҷ аз борхалтаи ӯ 37 кг 285 гр бангдона, 11 кг 305 гр героин, ки вазни умумии онҳо 48 кг 590 гр ташкил медод, дарёфт ва мусодира карда шудааст.

## Қабрдузд боздошт шуд

***Як сокини 39-солаи ноҳияи Спитамени вилояти Суғд Ӯткир Ҳакимов ба гуноҳи шикофтани қабрҳо ва дуздидани дандонҳои тилоии мурдагон боздошт шудааст.***

Шоми 12 ба 13-уми май шахсони номаълум ба қабристони «Қалъаи нав», воқеъ дар яке маҳаллаҳои Хуҷанд ворид шуда, дар тирагии шом се қаброро вайрон намуда, 6 дандони тиллои яке аз мурдагонро дуздида, маҳалли ҳодиса ғайб задаанд. Милиса дар пайи таҳқиқот сокини деҳаи Куркат Ӯткир Ҳакимовро, ки бекор буда ва дар гузашта низ алайҳи вай парвандаи ҷиноӣ ба айби «таҳқири ҷасади фавткардагон ва гӯри онҳо» боз шуда буд, боздошт кардаанд. Дар моҳи январи соли ҷорӣ шахсони ҳувияташон номаълум дар қабристони «Боғи Охун», воқеъ дар шаҳри Хуҷанд низ аз қабре 30 адад дандонҳои тилои як мурдаро ба яғмо бурда буданд.

Дар вилояти Суғд шикофтани қабрҳо ва рабудани дандонҳои тилоии мурдагон ҳодисае нав нест. Ба гуфтаи манбаъҳои расмӣ, дар соли гузашта кормандони милиса дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ду нафарро бо ин гуноҳ боздошт карда буданд.

## Худкӯшӣ аз бераҳмии шавҳар

***Як зан дар шаҳри Панҷакент қасдан доруи зидди ҳашаротро истеъмол намуда, дар натиҷаи заҳролуд шудан фавтидааст.***

Муносибати бади шавҳар ин занро маҷбур кардааст, ки ба худкӯшӣ даст занад. Вай дар хонаи истиқоматиаш бо мақсади худкушӣ доруи зидди ҳашарота тамғаи «Б58»-ро истеъмол намуда, заҳролуд мегардад, ки дар беморхонаи марказиии ноҳияи Панҷакент ба ҳалокат расидааст. Марҳум ҳамеша аз ҷониби шавҳараш А.И. мавриди шиканҷа қарор мегирифтааст. Аз тарафи прокуратура нисбат ба шаҳрванд А. И. парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шудааст.

## Зарари сел ва жола дар се ноҳия

***12-уми июн дар натиҷаи боридани борон, жола ва омадани сел ноҳияҳои Васеъ, Ҳисор ва Рашт хисороти моддӣ дидаанд.***

Бар асари боридани жола ва вазидани шамол дар деҳаи Оқҷари ҷамоати деҳоти Арали ноҳияи Васеъ 10 манзили истиқоматӣ қисман хароб гашта, заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ осеб дидаанд. Ба ҳамин минвол дар ҷамоати деҳотӣ «Гулистон» вокеъ дар деҳаи Файзобод ба заминҳои кишоварзӣ осеб расидааст.

Дар ноҳияи Ҳисор дар хоҷагиҳои ҷамоавии «Ориён», «Деҳқонобод» ва «Мирзо Ризо» селпартоҳо хароб гашта, 2 кӯпрук, қитъаи роҳи автомобилгарди «Ҳисор Ҷуҷалӣ» қисман вайрон гашта, хоҷагиҳои деҳқонии Боғистон, Сумбула ва Карл Маркс зарар дидаанд. Дар ноҳияи Рашт бар асари омадани сел дар деҳаи Канчамандии ҷамоати деҳоти Нусратулло Махсум ба заминҳои назди ҳавлигии аҳолӣ зарар расидааст.

## Футбол ва ифтихори миллӣ

**Бо оғози Мусобиқоти ҷаҳонии футбол дар Африқои Ҷанубӣ дар тамоми дунё ид сар шуд, аммо шояд барои мо ин ид як пули пучак ҳам арзиш надошта бошад, зеро мо наметавонем аз футбол ифтихори миллӣ дуруст кунему онро чун ид қабул намоем.**

Вақте шаҳомати консерт ва кушодашавии Мусобиқоти Ҷаҳон-2010 оид ба футболро тариқи телевизиор (моҳвора) дар Йоханнесбург дидам, пай бурдам, ки чӣ тавр як халқи дуртарин гӯшаи дунё барои сарзаминаш, барои ватанаш, барои халқаш, барои маданияташ ва дар охир барои ранги пӯсташ ифтихор мекунад. Ифтихор мекунад, ки бо вуҷуди бенавоиаш метавонад чунин маъракаи муҳимро қабул кунад, аз 32 давлати дунё ҳазорҳо нафарро ба оғӯши худ гирад.

Вақте аз Нелсон Монделла мегуфтанд, дар симои ҳар нафари ин сиёҳпӯст ман барандаи ҷоизаи Нобелро медидам. Медидам, ки чӣ тавр ҳамаи онҳо бо Монделла як тану як ҷон ҳастанд, зеро вай рамзи озодӣ ва адолат дар ин кишвар шудааст. Аввалин президенти сиёҳпӯст дар Африқои Ҷанубӣ аст ва маҳз вай буд, ки дар соли 1995 мусобиқоти ҷаҳонии регбиро мамлакаташ қабул карда, Африқои Ҷанубиро қаҳрамони ин бозиҳо гардонд. Аз ифтихори онҳо ман ифтихори доштаамро аз ҳаммилатонам ночизу хандадор донистам.

Вақте "Як гол барои саводноккунӣ" дар ин қитъа бо дастгирии FIFA тарҳрезӣ ва амалӣ карда шуду ҳар африқоии гурусна, тани урён, китоб дар бағал мехоҳад ҳарф омӯзад, аз 11-солагиву 12-солагии таълим дар мактабҳои худамон ёдам омад. Мактабҳоямонро 12-сола карданӣ ҳастем, аммо як дарси хубе аз футбол чӣ, аз варзиш надорем. Ҳеҷ ҳамватани мо имкон надорад, ки як голе ба дарвозаи ин африқоиҳои гуруснаи бесавод занад. Задан натавонистан он тараф истад, лоиқи он нестем, ки дар рӯ ба рӯи онҳо ба майдон бароем, зеро то ҳол мо бузургии футболро дарк накардаем, намедонем, ки он бозии рақами яки дунё шудааст.

Ҳамон рӯз африқоиҳо дар майдони худ дастаи Мексикаро қабул карданд ва голи аввалини ин мусобиқаро ҳам заданд. Ба назар чунин мерасид, ки онҳо ба майдон баромада, ба меҳмонон нишон доданӣ буданд, ки сазовори қабули ин мусобиқа ва ширкат дар ин бозиҳо ҳастанд.

Ман боварӣ надорам, ки ин мамлакати африқоӣ дар мусобиқа ғолиб меояд, аммо ман барои истодагарӣ, шукӯҳмандӣ ва ғайрати ин футболбозон мухлисӣ хоҳам кард. Барои халқе, ки новобаста аз ҳама чиз метавонад, дар майдони сабз пойлуч ҳам бозӣ кунад, танҳо ба хотири он, ки аз ҳаммилати Нелсон Монделла будандашро исбот намояд.

Аммо наметавонам ин ифтихорро ба пурраги бинам, зеро телевизорам ин идро ба тарзе пешкаш мекунад, ки чеҳраи ин мардуми хушбахти имкони аз наздик тамошо кардани футболро дошта, дар пасманзари рекламаи кадом як нӯшокии фантастикии **Big Bear** ноаён мешавад. Ҳамватанони ман на аз Монделла хабар доранду на ифтихор аз озодӣ доранду на футболро дуруст мефаҳманд, вагарна масъулини телевизионашон дар дақиқаи 71-уми ҳар вохӯрӣ, ки мустақиман пахш мешавад, реклама ва барномаи ахбори кӯҳнаро ҷо намекарданд. Ё ин телевизион моли хусусии ширкатҳои рекламадиҳанда аст, ё масъулин бо ин корашон мехоҳанд, ки аз "боло" гап нашунаванд. Бехабар аз он, ки ба ғазаби "боло"-иҳову нафрати "поён"-иҳо гирифтор шуданашон аз имкон дур нест.

**Бобои Валӣ**


# ДИҚҚАТ! МАХСУС БАРОИ ҶАВОНОН!

**Озмуни нави маҳфили фарҳангии Боргоҳи сухан барои дарёфти ҷоизаи «Сухан» дар бахши адабиёт махсус барои ҷавонони то синни 35 сола.**

Маҳфили фарҳангӣ-адабии «Боргоҳи сухан» барои дарёфти Ҷоизаи «Сухан» озмуни беҳтарин асарҳои нави адабиро, ки се соли охири 2008-2010 чоп шудаанд, эълон менамояд.

Муаллифон бояд панҷ нусха аз китобҳояшон (роман, достон, песа ва сенарияи бадеӣ)-ро то 31 декабри соли 2010 ба Шӯрои маҳфил бирасонанд.

Бахши адабиёти Маҳфил, ки дар ҳайати босалоҳияте фаъолият дорад, асарҳоро баррасӣ хоҳад намуд. Меъёр танҳо мазмуну бадеияти баланд ва ҳунари муаллиф аст.

Шӯрои Маҳфил метавонад ҷоизаро ба чанд адиб сазовор бидонад. Дар он сурат маблағ байни онҳо тақсим мешавад ва ҳамчунин ба ҳар кадом нишони сарисинагии Ҷоизаи «Сухан» тақдим мегардад.

Озмун 15 марти соли 2011 ҷамъбаст ва ҷоиза дар базми наврӯзии маҳфил ба ғолибон супорида мешавад.

*Сурогаи мо: ш. Душанбе, маҳаллаи Зарафшон, тел: 237-28-68*
*Шӯрои Маҳфили фарҳангӣ- адабии «Боргоҳи сухан»*

# БӮҲРОНИ ОБ ДАР ПАЙ ЧӢ ДОРАД?

## Нигоҳе ба натиҷаҳои конфронси байналмилалии «Об барои ҳаёт»

Дар шаҳри Душанбе рӯзи 10-уми июн конфронси байналмилалии «Об барои ҳаёт» бо тасвиби баёния ба кори худ поён дод. Ин конфронс дар чорчӯби барномаи Созмони миллали муттаҳид тахти унвони даҳсолаи оби солим, бо ибтикори муштараки Тоҷикистон ва Созмони миллал ба муддати ду рӯз ва бо ширкати намояндагон аз 70 кишвари дунё, 20 ниҳоди марбут ба СММ ва 65 созмону муассисаи байналмилалӣ баргузор гардид. Баррасии фаъолиятҳои анҷомшуда дар ростои иҷрои барномаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» (солҳои 2005-2015), арзёбии иқдомоти анҷомшуда дар ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳо дар масъалаҳои марбут ба об, аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии баргузории конфронси мазкур буд.

Дар санади ниҳоии конфронси байналмилалии «Об барои ҳаёт» аз ҷумла таъкид шудааст, ки об яке аз воситаҳои истеҳсоли энержии барқ маҳсуб мешавад ва энержии барқ барои интиқоли об ба манотиқи зарурӣ истифода мешавад. Аз ин ру ин ду иртиботи чудоношуданӣ доранд. Ҳамчунин таъкид бар он шудааст, ки об неъмати бебаҳо аст ва истифодаи беравия аз он метавонад башариятро дар оянидаи на чандон дур ба мушкилоти фаровоне рӯ ба рӯ кунад. Аз ин рӯ шароити кунунии ҷаҳон тақозо мекунад, ки дар баҳрабардорӣ аз манобеи обӣ, аз беҳтарин ва пешрафтатарин фановариҳои рӯз кор гирифта шуда, ба ҳеч ваҷҳ набояд сабабгори исрофи об шуд. Расидагӣ ба масоили об ниёзманди роҳкорҳои бумӣ, минтақаӣ ва байналмилалӣ аст, то дар ин замина беҳтарин шеваҳои мумкин шиносоӣ ва ироа шаванд. Об аз чойгоҳи вижае дар раванди дастёбӣ ба ҳадафҳои ҳазораи рушд бархурдор аст. Санади мазкур ба 65-умин иҷлосияи Маҷмаи умумии Созмони милали муттаҳид ироа хоҳад шуд. Қобили зикр аст, ки соли 2003-ум бо пешниҳоди Тоҷикистон соли байналмилалии оби солим ва солҳои 2005 – 2015 ба унвони даҳсолаи байналмилалии Об барои ҳаёт дар Маҷмаи умумии Созмони милали муттаҳид ба тасвиб расид.

Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон дар суханони худ бо ишора ба вуҷуди манобеи фаровони об дар Осиёи Марказӣ гуфт, агар аз ин захоир оқилона ва одилона истифода нашавад, кишварҳои минтақа ба таври ҷиддӣ ба мушкили камбуди об гирифтор хоҳанд шуд. Вай бо ибрози таассуф афзуд, баръхе кишварҳо далелхоро баръакс нишон медиҳанд ва ҳақиқатро таҳриф мекунанд, ки ин боиси ташаннуҷ дар равобити байни кишварҳои минтақа шудааст. Суханони Раҳмон дар ҳоле баён шуданд, ки маҳз ҳамин мавзӯъ, яъне баҳрабардорӣ аз манобеи обии минтақа равобит миёни ду кишвари ҳамсояи Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ба бӯҳрони ҷиддӣ мувоҷеҳ кардааст. Ин бӯҳрон ба ҳадде печида шудааст, ки ҳатто Созмони миллали муттаҳид дар расидагӣ ба ин масъала оҷиз воқеъ шудааст. Бо баёни дигар, сохтани нерӯгоҳи Роғун дар Тоҷикистон мухолифатҳои шадиди Ӯзбекистонро барангехтааст, ба гунае ки давлати Тошканд даст ба он чи ки муҳосираи иқтисодии Тоҷикистон тавсиф мешавад, задааст. Дар чорчӯби ҳамин иқдом Ӯзбекистон беш аз ду ҳазор вагони дорои коло ва таҷҳизоти мухталиф ба Тоҷикистонро дар қаламрави худ мутавқиф кардааст. Ин амали хилофи меъёрҳо ва муқаррароти байналмилалӣ, ки аз се моҳи қабл оғоз шуд, ба иқтисоди Тоҷикистон садҳо миллион доллар зарар ворид намуда, умури сохтмонӣ дар тарҳҳои муҳим, назири нерӯгоҳи Сангтуда-2-ро ба мушкили ҷиддӣ мувоҷеҳ кардааст. Ҳамчунин, қимати маводи ғизоӣ ва сӯзишворӣ дар вилояти Хатлон ва дигар манотиқи Тоҷикистон боло рафта, зиндагии мардум дастхуши масоили зиёде шудааст. Дархосту хоҳишҳои Душанбе барои аз саргирии ҳаракати вагонҳояш роҳ ба ҷое набурда, норизоятии мардуми Тоҷикистонро аз амалкарди кишвари ҳамсоя доман зад. Тошканд гоҳе харобии роҳ ва гоҳе тарофики мавҷуд дар трозинтро ба унвони баҳона пеш овардааст. Дар чунин шароите интизор мерафт конфронси Душанбе фурсати хубе барои ҳаллу фасли ин масъала бошад, аммо суханони Галина Саидова, меовини аввали вазири иқтисоди Ӯзбекистон, ки такрори ҳамон мухолифатҳои Тошканд ба сохтани нерӯгоҳи Роғун буд, умедҳо дар ин замина каро бар бод дод. Ин мақоми ӯзбек бо матраҳ кардани иддаоҳои қаблии масъулони Тошканд, гуфт сохтани садд бо баландии 350 метр дар минтақаи зилзилахез ва бар асоси тарҳҳои замони Шуравӣ, фоҷеаҳои ғайриқобили пешбинӣ ба ҳамроҳ хоҳад дошт. Вай бо ироаи иддаоҳои такрорӣ, талош кард ширкаткунандагони конфронсро ба дурустии дидгоҳҳои Тошканд мутақоид кунад. Саидова дар суханони ба зоҳир дилсӯзона гуфт, мо салоҳи Тоҷикистонро мехоҳем ва тоҷику ӯзбек як халқ ҳастанд, ки бо ду забон гуфтугӯ мекунанд.

Дар посух ба иддаоҳои мақоми ӯзбек Гул Шералӣ, вазири энергетика ва саноати Тоҷикистон иброз дошт, ки дар айни ҳол Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ мавзӯи баррасии тарҳи Роғун тавассути коршиносони байналмилалиро пайгирӣ мекунад ва мо дар такмили тарҳи Роғун манфиатҳои кишварҳои ҳамсояро дар назар хоҳем гирифт. Коршиносон ва таҳлилгарон дар арзёбиҳои худ аз натоиҷи конфронси байналмилалии «Об барои ҳаёт», дидгоҳҳои гуногуне баён карданд. Иддае ба намоишӣ будани ин нишаст ишора кардаанд, ки дар чорчӯби ҳамоишҳои ба ин монанди Созмони милали муттаҳид доир шуд ва санадҳои он барои ҳеч кишвар ё ниҳоде лозим-ул-иҷро нест. Гурӯҳе дигар аз коршиносон нишасти Душанберо фурсате барои маҳак задани зарфият ва имкониятҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон тавсиф карданд, ки масъулони тоҷик то ҳадде аз он истифода карданд. Ҳамзамон бо ин дидгоҳҳо ба назар мерасад, ки нишасти Душанбе бори дигар ба кишварҳои дахлдор ва ниҳодҳои марбутаи байналмилалӣ ҷиддӣ будани бӯҳрони об дар Осиёи Марказиро ба намоиш гузошт. Ин конфронс собит кард, ки масъала фақат ба сохтани нерӯгоҳҳо хатм намешавад, балки амалкарди Ӯзбекистон дар муҳосираи иқтисодии Тоҷикистон ва афзоиши норизоятӣ дар ҷомеаи тоҷик, дар ҳоли ҳаракат додани минтақа ба самти як бӯҳрони ҷиддӣ аст. Ин конфронс собит намуд, ки аз ҳоло бояд бӯҳрони об ба пайомадҳои онро ҷиддӣ гирифт, то аз вуқӯи бӯҳронҳои ҷиддитаре дар минтақаи стротегии Осиёи Марказӣ пешгирӣ ба амал ояд.

**Аъзами Ҳуҷаста**

# ВАЗЪ ДАР ҚИРҒИЗИСТОН



## Максим Боқиев боздошт шуд

Максим Боқиев, писари Қурмонбек Боқиев, президенти барканоршудаи Қирғизистон дар Британия бо дархости Интерпол боздошт шудааст. Кенешбек Дючебаев, раиси амнияти миллии Қирғизистон кишвараш гуфтааст, Максим дар як амалиёти вижа дар фурудгоҳе дар ҷануби Британия боздошт шудааст.

Дючебаев гуфтааст, Максим аз Британия паноҳандагӣ мехост ва бо ҳавопаймоии хусусӣ ба он ҷо парвоз кардааст. Азимбек Беназаров як мақоми ҳукумати муваққатӣ гуфтааст, Масим Боқиев ё ба Қирғизистон истирдод мешавад, ё дар Британия ба додгоҳ кашонда хоҳад шуд. Максим Боқиевро ҳукумати муваққат дар тиҷорати олуда бо фасод муттаҳам медонад.

Ӯ ва наздикони дигари Қурмонбек Боқиев ҳамчунин дар таҳрики бенизомиҳо дар ҷануби Қирғизистон низ муттаҳам мешаванд.



*Техникаи зиреҳҳдори низомӣ барои таъмини амнияту оромӣ вориди шаҳр шуд*



*Садҳо нафар ҷавонон бо аслиҳа дар хиёбонҳо бар зидди якдигар ҷангиданд*

Шумораи кушташудагон аз 160 нафар гузаштааст, миқдори нафароне, ки захм бардоштаанд, ба 1700 нафар расидааст



# ТОҶИКОН ДАР БЕТАРТИБИҲОИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАСТ ДОРАНД?

## Баъзе расонаҳо аз ин воқеа хабар медиҳанд, аммо ВКХ-и Тоҷикистон қатъиян ин овозаҳоро рад кардааст

Вазъ дар Қирғизистон, махсусан дар қисмати ҷанубии он ҳар рӯз ранги дигар мегирад ва авзои сиёсиро дар ин кишвар бад месозад. Ба ҳама маълум аст, ки сабаби ин бенизомӣ, даргирӣ, куштор, ғорат ва қонуншиканӣ дар чӣ аст ва киҳо ба он даст доранд. Сиёсати пешгирифтаи Боқиев ва оилаи ӯ Қирғизистони авруопоимаобро ба ҷанги дохилӣ рӯ ба рӯ кардааст. Маҳз қудратро дар байни хешони худ тақсим кардани Боқиев гурӯҳи норозиро ба сари майдон овард, то нагузоранд, ки ин дар ин кишвари демократӣ ҳуқуқи касе поймол шаваду ҳукумати ба ном халқӣ дар хизмати як оила бошад. Ин хулосаи расмие аст, ки ҷониби оппотзитсияи ин кишвар барои сафед кардани худ дар хунрезии табадулот пешкаш намудааст. Аммо аслан дар инқилоби қирғизӣ дасти кишвари беруна ҳис мешуд ва манфиати ҷониби сеюм ба назар мерасид.

Дар натиҷаи сарнагун шудани ҳукумати Боқиев ба сари қудрат ҳукумати муваққатии «Боварии халқ» омад, ки роҳбарии онро яке за фаъолони оппозитисияи ҳукумати собиқ Роза Отунбоева ба ӯҳда гирифт. Ин ҳукумат аз ҷониби Расия, махсусан сарвазири он, дастгирӣ ёфт ва Отунбоеваро ҳам ҳамин пуштигрии Владимир Путин рӯҳбаланд сохт. Аз тарафи дигар, Отунбоева гӯё зиракӣ карда, Манасро чун пештара дар ихтиёри Америко гузошт, то дар ин вазъи ҳассос дахолати ИМА ба кораш халал ворид насозад.

Баъди фирори Боқиев аз Қирғизистон дар назари аввал чунин менамуд, ки вазъ дар ин кишвар рӯ ба беҳбудӣ меорад ва ҳукумати нав баъди гузаронидани референдум оид ба тағйироту иловаҳо ба конститутсия зимоми давлатро пурра ба даст мегирад. Аммо матни нави конститутсия ҳарчанд омода шуда бошад ҳам, ба референдум гузошта нашудааст ва вазъро дар кишвар гурӯҳҳои ҷудоихоҳ (ба қавли ҳукумати муваққат унсурҳои харобкор) ба дараҷае бад кардаанд, ки гузаронидани ҳеҷ хел референдум имкон надорад, балки сар задани ҷанги шаҳрвандӣ аз имкон дур нест.

Чаро вазъ баъди он, ки Боқиев хомӯш шуду ҳукумати муваққат низ каме нафас рост кард, дубора бад шуд? Кӣ ва чӣ дасте дар пушти ин бетартибиҳои Қирғизистон меистад? Магар дархости Отунбоева аз Расия барои расонидани кӯмаки низомӣ ва ворид кардани қувваҳои сулҳхоҳ як барномаи тарҳрезишударо ба хотир намеорад? Ин далоат аз он намекунад, ки саммити Тошканд Расияро барои бепарда ба кори Қирғизистон дахолат кардан шерак кардааст?

Кишварҳои узви СХШ ва дигар давлатҳои нозиру меҳмони ин саммит дар атрофи қазияи Қирғизистон аслан хомӯширо ихтиёр карданд, ба он маъно, ки кори дохилии ин кишвар аст ва бояд дар дохили он ҳалли худро ёбад. Танҳо бо интишори баёнияе вазъи амниятӣ дар Қирғизистонро нигаронкунанда хонда, омодагии худро барои кӯмак ба барқарории субот дар ин кишвар иброз доштанд. Президенти Расия Медведев ҳатто дахолати қувваҳои ҳарбии узви Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ (ОДКБ)-ро дар ин қазия зарур нашуморид, аммо баъди анҷоми саммити Тошканд вазъ дар Ӯш ба дараҷае ташаннуҷ ёфт, ки Роза Отунбоева аз Путин дархости кӯмаки ҳарбӣ кард. Ба назар мерасид, ки дигар қувваҳои ҳукумати муваққат аз контороли вазъ дар Қирғизистон намебароянд ва инқилоб ба ҷанги дохилии байниқавмӣ табдил хоҳад ёфт. Отунбоева ба ҳарбиёни давлаташ иҷозат дод, ки дар сурати зарурат пеш омадан ба муқобили ин гурӯҳҳои харобкор оташ кушоянд. Баъди ин вазъ дар ин минтақа нисбатан ором шуд. Аммо ҷониби Расия аз ворид кардани қувваҳои ҳарбӣ ба Ҷалолобод худдорӣ намуд, бо он баҳона, ки дахолат кардан ба кори дохилии як кишвари дигар ба ваколатҳои давлати Медведев-Путин дохил намешавад. Чаро Расия аз чунин имкони хуб истифода намекунад? Оё то ҳол фурсати хубе барои ин кор дар дасти Маскав нест? Ҳадаф аз инқилоб дар Қирғизистон магар мавқеъ пайдо кардан дар ин минтақа набуд? Ба назар мерасад, ки Расия намехоҳад дар ин қазия даст доштани худро баръало нишон диҳад, аммо оқибат аввали ҳафта тибқи супориши Медведев баталёни алоҳидаи десантию зарбазани артиши доҳилаи Расия ба Қирғизистон фиристода шуд. Инчунин, ду ротаи тақвиятдодашудаи бригадаи алоҳидаи десантӣ аз Уляновск ба Қирғизистон омаданд.

Бино ба гузоришҳои охир аз шаҳри Ӯш шумораи кушташудагон дар нооромиҳои ин шаҳр аз 160 нафар гузаштааст. Миқдори нафароне, ки захм бардоштаанд ба 1700 нафар расидааст. Ҳукумати муваққатии Қирғизистон дар ин шаҳр ва се ноҳияи атрофи он вазъияти фавқулодда эълон кардааст. Роза Отунбоева зимни суханони худ аз телевизиони кишвараш гуфт: «Дар натиҷаи андешидани тадбирҳо ба мо муяссар шуд, ки пеши роҳи унсурҳои харобкорро гирем». Техникаи зиреҳдори низомӣ барои таъмини амнияту оромӣ вориди шаҳр шуд ва нерӯҳои низомӣ ба нишонаи ҳушдор ба ҳаво тир меандохтанд. Аммо сарчашмаҳои дигар иттилоъ медиҳанд, ки ба онҳо амри дар ҳолати зарурӣ ба ошӯбгарон кушодани тир дода шудааст.

Садҳо нафар ҷавонон шаби панҷшанбе ба ҷумъа бо аслиҳа ва чӯбу пораҳои оҳан дар даст шабона дар кӯчаву хиёбонҳо бар зидди якдигар ҷангиданд. Дар чароёни ин нооромиҳо шишаҳои мағозаҳоро шикастаанд, мошинҳоро оташ задаанд ва мағозаҳоро тороҷ кардаанд. Бино ба хабарҳо, ин нооромиҳо ангезаи миллӣ доштааст ва миёни қирғизҳо ва ӯзбекҳои ин минтақа рух додааст. Рӯзи дигар муовини роҳбари давлати муваққати Қирғизистон Азимбек Бекназаров гуфт, ки вуқӯъи даргириҳо дар Ӯш ангезаҳои қавмӣ доранд.

Аксари сокинони бетарафи ин минтақаи Қирғизистон ба ин боваранд, ки дар ин сиёҳкори нақши дасти сеюм ҳаст. Як нафар аз шоҳидони ҳол ба расонаҳо иттилоъ додааст, ки гурӯҳи силоҳбадастоне, ки бозубандҳои сиёҳ доранд, аввал дар маҳали қирғизишин одамонро ҳадафи тир қарор додаанд, сипас ҳамин амалро дар байни ӯзбектаборон такрор кардаанд. Бо чунин амал онҳо ҷонибҳоро ба даргирӣ таҳрик намудаанд. Гуфта мешавад, ки дар байни ҷавонон гурӯҳи дигар пул тақсим намуда, онҳоро ба вайронкорӣ талқин намудааст.

Агентии иттлоотии «Авеста» хабар додааст, ки мувофиқи маълумоти носанҷидашуда дар бетартибиҳои Ӯш муҷоҳидони тоҷик аз Ҷунбиши исломии Ӯзбекистон ширкат доштаанд. «Авеста» менависад: «Вазъ дар Ӯш нигаронкунанда аст, дар шаҳр техникаи вазнин ҳаркат мекунад, ТВ-и маҳаллӣ кор намекунад, ҳаёт амалан қатъ шудааст, чун тамоми шаҳрро бо постгоҳои ғайриқонунӣ маҳкам кардаанд ва контроли он дар дасти қувваҳои таҳҷоие аст, ки дар навбати худ аз қавмҳои қирғиз ва ё ӯзбек таъсис дода шудаанд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи маҳаллӣ дар сар задани ин бетартибӣ даст доштани бародарони президенти сарнагуншуда ва намояндагони гурӯҳҳои силоҳбадасти тоҷикро мебинанд. Бино ба гуфти Мақсуда Айтиева, директори иҷроияи созмони ҷамъиятии «Маркази ресурсии ВАО дар Ӯш» дар сӯҳбат бо намояндаи РКД-и шаҳри Ӯш Замир Содиқов маълум шудааст, ки дар шаҳр ва гирду атрофи он гурӯҳҳои силоҳбадасте ба назар мерасанд, ки бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд».

Намояндагони ниҳодҳои интизомӣ ба ин назаранд, ки шояд гап дар бораи гурӯҳҳое меравад, ки аз тарафи бародари Боқиев – Жаниш аз ҳисоби тоҷикон ташкил карда шудаанд, аммо ин хабар тасдиқи худро наёфтааст.

Ба ақидаи баъзе аз коршиносони маҳаллӣ шояд дар Ӯш дар ҳақиқат муҷоҳидон аз ҳисоби шаҳрвандони Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон, ки муддатҳои дароз дар Афғонистон меҷангиданд, бошанд. Онҳо бо мақсади муайян ба ҳудуди Қирғизистон ворид шудаанд.

Дар ҳамин ҳол бино ба иттилои носанҷидашудаи дигар бародарони Боқиев дар ҳудуди Тоҷикистон қарор доштаанд ва ҳузури онҳоро гӯё дар Бадахшон дида бошанд.

«Авеста» аз қавли коршиносони минтақа менависад, ки ҳодисаҳои охири Қирғизистон ба вазъи минтақа таъсири манфии худро хоҳад расонд. Раиси Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, вакили парламент Шодӣ Шабдолов аз бо Ӯш ҳамсарҳад будани Тоҷикистон ёдовар шуда, гуфтааст, ки чунин вазъ ба бад шудани ҳаракати нақлиёт дар дохил ба ҷониби Бадахшон боис шуда метавонад, зеро ҳаракат ба ин минтақа тавассути Ӯш сурат мегирад. Вай ба ин назар аст, ки бояд сарҳад дар ин қисмат ба назорати сахт гирифта шавад, чунки имкони ба хоки Тоҷикистон гузаштани «шахсони тасодуфӣ» ҷо дорад. «Мо дар хотир дорем, ки чанд сол пеш, ҳангоми чунин воқеаҳо ба хоки мо размандагони Ҷумъаи Намангонӣ гузашта буданд. Онҳо дарди сари зиёдатӣ ба бор меоранд, аз ин рӯ беҳтар аст сарҳадро то ба эътидол омадани вазъ ба назорати қатъӣ гирем», - иброз намудааст Шабдолов.

Дар шимоли Тоҷикистон, дар марз бо ин кишвар аллакай сарҳадчиён дар ҳолати омодабош қарор гирифтаанд.

Дар ин росто Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон баёния интишор карда гуфт, ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар бенизомиҳои ҷануби Қирғизистон даст надоранд. Сухангӯи ВКХ-и Тоҷикистон Давлат Назрӣ иттилоъ медиҳад, ки сафорати Тоҷикистон дар Бишкек чун пештара фаъол аст ва кормандони сафорат талош мекунанд, ба шаҳрвандони Тоҷикистон вазъиятро фаҳмонанд ва аз онҳо хоҳиш намоянд, ки ба иғво дода нашаванд.

«БС»

## БОРГОҲИ ИЗТИРОБ



# МАКТАБИ № 59 «МЕКАФАД»?

**Вазъи таълиму тарбия дар мактабҳо на танҳо аз омӯзгорони ботаҷрибаву соҳибкасб, балки аз шароити таълимгоҳҳо низ сахт вобаста аст. Боиси таассуф аст, ки то ҳол дар гирду атрофи Душанбе ва ноҳияҳои атрофи пойтахт мактабҳое ҳастанд, ки ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд. Бар замми мактабҳои таъмирталаб, таълимгоҳҳое ҳастанд, ки шумораи бештари хонандагонро аз меъёри муайяншуда ба «оғӯши худ» гирифтаанд.**

Чанде пеш зане ба идораи ҳафтаномаи «Боргоҳи сухан» муроҷиат намуда, хоҳиш кард, то ба мушкилии ӯву ҳаммаҳаллаҳояш кӯмак расонем. Вай аз номи як гурӯҳ истиқоматкунандагони маҳаллаи Гулбуттаи ноҳияи Рӯдакӣ ба идораи ҳафтанома ариза оварда, умед дорад, ки тавассути матбуот мушкилашон ба гӯши масъулин мерасад. Моҳира Маҳмадсаидова, истиқоматкунандаи маҳаллаи Гулбутта, соҳиби се фарзанд арзашро чунин оғоз кард:

«Чун имсол соли маориф аст, мо истиқоматкунандагони маҳаллаи Гулбутта мехоҳем, Вазорати маориф барои хонандагони мактаби маҳаллаи мо шароити хуби дарсхонӣ муҳайё намояд. Дар мактабе, ки дар давраи шӯравӣ барои 460 нафар хонанда сохта шуда буд, ҳоло зиёда аз 2014 нафар хонанда таҳсил мекунанд. Имрӯз мактаб дар ҳолате қарор дорад, ки умуман ба ягон шароит ҷавобгӯ нест. Аз серодамӣ дар мактаб ҷои пойгузорӣ нест гӯем, муболиға нахоҳад шуд. Ба ғайр аз он як қисми бачаҳои маҳаллаи мо дар шаҳри Душанбе таҳсил мекунанд, дар мактаби рақами 59-уми Гулбутта хонандагон дар се баст ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Бачаҳое, ки дар пойтахт мехонанд, маҷбуранд, ҳар рӯз бо воситаи нақлиёт ба мактаб рафта оянд. Дар роҳҳои сермошин ба садамаҳои нақлиётӣ дучор шуданашон имкон дорад. Ҳатто чанд нафар хонандагон ба садамаҳои нақлиётӣ дучор гардиданд. Ҷаро вазоратҳои дахлдор ба мактаби миёнаи №59 аҳамият намедиҳанд? Мактаб ҳатто маҷлисгоҳ надорад, ки падару модаронро даъват намуда, маҷлис гузаронанд. Маҷлиси падару модарон дар саҳни мактаб гузаронида мешавад, ки ҳоли риққатборе дорад. Директори мактаб ба падару модарон иброз дошт, ки ба синфи як хонанда қабул намекунанд. Пас мо чӣ кор кунем?! Фарзандонамонро ба кадом мактаб фиристем? Шароит надорем, ки фарзандонамонро ба мактабҳои Душанбе фиристем. Ҳар рӯз барои онҳо маблағ лозим мешавад», - бо ҳасрат зикр кард зан.

Пас аз ин суханони Моҳира Мамадсаидова тасмим гирифтем, то аз ҳолати ҳозираи мактаби миёнаи №59-и маҳаллаи Гулбутта дидан кунем. Вақте ба мактаби номбурда омадем, дар ҳақиқат мактаб ба таълимгоҳе, ки дар он бояд тибқи шароити имрӯза таҳсил кунанд, монанд набуд. Мактаб мисли он ки ба таги замин фурӯ рафта бошад, ноаён аст. Тасаввур кунед, дарвозаи даромадгоҳи мактаб аз бинои он баландтар аст. Ҳеҷ бовари кас намеояд, ки ин мактаб дар наздикии пойтахт фаъолият мекунад. Агар чунин мактабро дар ягон ноҳияи дурдасти кишвар медидем, дар ҳайрат намеафтодем. Имрӯз дар деҳот ҳам чунин мактабҳо кам ба чашм мерасанд. Дар байни ин қадар хонаҳои боҳашамати бодабдаба чунин иморати назарногирро дидан манзараи нодир аст. Ҳукумати ноҳия, шӯъбаи маориф наход боре ҳам наандешида бошанд, ки дар атроф асри 21 ҳукмрон асту онҳо маҳаллаи канори пойтахтанд.

Дохили мактаб ду роҳрави тангу тор дорад, ки кас пеши пояшро намебинад ва аз ду нафар зиёд дар он гашта наметавонад.

Директори мактаби миёнаи №59-и ноҳияи Рӯдакӣ Саодат Раҷабова дар сӯҳбат бо мо чунин гуфт:

- Мактаби мо соли 1974 ба таври фаврӣ, барои 480 нафар хонанда сохта шудааст, ки аз ду қанот иборат аст. Соли 1997 як қисми қаноти вай ба коми оташ фурӯ рафт. Пас аз дастгирии раиси ноҳия ва шӯъбаи маориф соли 2005 чор синфхона ва соли 2007 чор синфхонаи дигар барқарор карда шуданд. Бо вуҷуди ин ба талаботи имрӯзаи аҳолӣ қаноат кардан наметавонад, зеро мактаб то ҳол норасоиҳои зиёде дорад. Теъдоди хонандагон аз сабаби афзоиши аҳолии ноҳия ниҳоят зиёд шудааст. Ҳоло шумораи хонандагони мактаб ба 2068 нафар расидааст, яъне, панҷ маротиба шумораи хонандагони мактаб афзудааст. Синфхонаҳо барои таълим намерасанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда омӯзгорон бо азму талош ба хотири «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» кор ва фаъолият карда истодаанд. Аммо ҳамаи ин норасоиҳо ба саломатии ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгорон таъсири худро мерасонад, зеро толибилмон дар се баст дарс мехонанд. Мувофиқи талабот бояд дар ҳар як синфхона мувофиқи меъёр 25 нафар хонанда таҳсил кунанд. Дар ҳар як синфхона аз 36 нафар то 45 нафар хонанда таҳсил мекунанд. Дар мактаби мо дар ҳамаи кабинетҳо дарс мехонанд, ҳатто дар толорҳои варзишӣ, маҷлисгоҳ, устохона ҳам дарсҳо гузаронида мешаванд. Маҷлисҳои волидайн баъзан дар синфхонаҳо ва гоҳе дар даромадгоҳи мактаб гузаронида мешаванд, ки ин ҳам яке аз мушкилии мактаб мебошад».

Директори мактаб аз ҳамаи ин камбудиҳо афсӯс хӯрда афзуд: "Тассаввур кунед, дар басти аввал 800 нафар, дар басти дуюм 600 нафар ва 600 нафари дигар дар басти сеюм мехонанд, ин барои мо хеле вазнин аст.

То ин дам як маротиба аз ҷониби шӯъбаи маориф ва бо дастгирии падару модарон соли 2005 ҳамин ду қабати мактаб бо роҳбарии Нарзулло Зокиров (падари хонанда) таъмир карда буданд. Ин барои мо дастовард гӯем ҳам хато намешавад. Ҳарчанд аз тарафи вазорати маориф ҳар сол барои таъмир маблағ ҷудо гардад ҳам, барои эҳтиёҷотамон намерасад. Ду соли охир ба ҳаҷми 60 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карданд, ки мо гирду атрофи мактабро таъмир кардем. Имсол ҳам 60 ҳазор сомонӣ ҷудо кардаанд, боз камтари дигар аз волидайн маблағ ҷамъ намуда, мехоҳем ду ё чор синфхонаи дигар бунёд кунем. Бо вуҷуди ин ҳам мо аз ин ҳолат намебароем".

Мо ба мудири мактаб пешниҳод кардем, ки ба мақомоти дахлдор расман муроҷиат кунанд, бошад, ки ба додашон расанд, аммо Раҷабова дар ҷавоб гуфт:

- Борҳо ба ҳукумати ноҳия, шӯъбаи маорифи ноҳия, Вазорати маориф муроҷиат кардем, ки ба мо кӯмак кунанд. Гуфтанд, ки барои ноҳияи Рӯдакӣ маблағ ниҳоят кам аст, агар имконият пайдо шавад, кӯмак хоҳанд кард. Онҳо бештар ба мактабҳои садамавӣ таваҷҷӯҳ мекунанд. Мо мехоҳем, ки дар ҷойи холии саҳни мактаб ақалан як бинои дуошёна барои 600 нафар созанд, вале аз кӯшишҳоямон то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Ҳарчанд ҳар сол мизу курсии дарсӣ меоранд, вале намедонем онҳоро дар куҷо истифода кунем, ҷой надорем. Намедонам аз чӣ бошад, мушкилии мактаби моро ҳар сол ба қафо мепартоянд. Дигар мактабҳоро «садамавӣ» гӯён, аз пайи таъмир мешаванд. Агар хуб андеша кунем, вазнинтарин норасоиҳо дар мактаби мо дида мешаванд. Гуфтанд, дар ҳамин маҳалла барои сохтмони мактаби нав се гектар замин ҷудо мекунанд, вале аз мактаб то ҳол дараке нест. Мо имсол маҷбурем, ки синфи як қабул накунем. Ба ҷои 8 синфи 40 нафара, метавонем ҳамагӣ 2-тоашро қабул кунем, зеро мактаб аз серодамӣ қариб аст, ки «кафад».

Ҳукуматдорони моро мебояд сари зиёд шудани аҳолӣ андеша кунанд, зеро фардо ин бачаҳо тавонанд донишандӯзии худро дар ҳамон маҳалли худ идома диҳанд. Мақсади истиқоматкунандагони маҳаллаи Гулбутта ин аст, ки арзи онҳо то ба гӯши вазири маорифи Тоҷикистон бирасад. Аз ин рӯ ба таваҷҷӯҳи вазорати маориф мерасонанд, ки мушкилии норасоиҳои синфхонаҳои мактаби номбурдаро ҳал намоянд. Интизор мешавем!

**Фарангиси Музаффар**



### Аз идора:

Мактуби истиқоматкунандагони маҳаллаи Гулбутта ноҳияи Рӯдакиро нашр карда, умед дорем, ки масъулин ба мушкилии ин мардум расидагӣ мекунанд, зеро бо дархостҳои бешумори онҳо касе вокуниш нишон надодааст ва мардум охирин умедашонро дар матбуот дидаанд.

Чунин мушкилӣ дар аксари мактабҳои ҷумҳурӣ ҷой дорад, аммо ҳолате, ки дар мактаби №59 ҷо дорад, дар ҳақиқат нигаронкунанда аст. Умед ба он мебандем, ки шӯъбаи маорифи ноҳия, ҳукумати ноҳияи Рӯдакӣ ва Вазорати маорифи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ сари ин мушкилӣ андеша мекунанд, бошад, ки дар соли нави таълим шогирдону устодони ин мактаб соҳиби боз чанд синфхонаи нав шаванд.

*Аксҳо аз мактаби №59, ки дар наздикии пойтахти кишвар ҷойгир аст*



# КӮДАКОН БАРОИ КӢ КОР МЕКУНАНД: барои худ, ёояндаи ватан?

## Вазъи кӯдакони меҳнаткаш дар Тоҷикистон гиряовар аст

Чанд рӯз пеш бахшида ба рӯзи байналхалқии мубориза ба меҳнати кӯдакон нишасти матбуотӣ доир гашт, ки дар он умдатарин маъалаҳои кӯдакони меҳнаткаш баррасӣ гардида буд. Дар ҳақиқат имрӯз вазъи кӯдакони меҳнаткаш бениҳоят вазнин шудааст. Ин ҳам бошад дар сатҳи пасти зиндагӣ қарор доштани аҳолии Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Имрӯз аз рӯи таҳқиқотҳои гузаронидаи ташкилоти байналхалқии меҳнат ва Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон зиёда аз 200 ҳазор кӯдакон ба корҳои гуногун фаро гирифта шудаанд. Дар ҳақиқат ин гиряовар аст. Дар ин нишасти матбуотӣ мутахассиси ташкилоти байналхалқии меҳнат Муҳайё Хосабекова чунин ибрози назар кардааст: -Мутаассифона вазъи меҳнати кӯдакон дар ҷумҳурӣ хеле ташвишовар аст. Ин дарди миллист. Сабабҳои пайдоиши меҳнати кӯдакон камбизоатист. Ҳамчунин ӯ қайд кардааст, ки барои амалӣ кардани навъҳои вазнини меҳнат, асосан кӯдакони аз 5 то 14-сола ҷалб мешаванд. Тибқи маълумотҳои расмӣ зиёда аз 50 фоизи аҳолии Тоҷикистон бо камтар аз 2 доллар барои як рӯз зиндагӣ мекунанд. Ба гуфтаи Хосабекова, меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон шакли хос дорад. Яъне, кӯдакон ба воя мерасанд ва худ волидайн мешаванд, он гоҳ ба меҳнати кӯдакони худ мӯҳтоҷ хоҳанд шуд. Дар ин ҳол кӯдакон бе маълумот мемонанд, - мегӯяд ӯ.

Тибқи маълумоти ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон кӯдакони меҳнаткаш, 10 фоизашон мактаб намераванд. Ин ҳам бошад ба ҳамагон маълум аст. Яъне, аксарияти онҳо тарзи ба дастовардани маблағро аллакай омӯхтаанд.

Аммо тибқи таҳқиқоти гузаронидаи Ташкилоти байналхалқии «Save the children», зиёда аз 60 фоизи кӯдакони ба меҳнат ҷалбшуда, дар колхоз кор мекунад. Вале аксарияти кӯдакон ба корҳои тиҷорати ғайрирасмӣ, мисли мошиншӯӣ ва салафанфурӯшӣ машғуланд. Вақте ба Сардори хадамоти меҳнати Тоҷикистон Наврӯз Самадов муроҷиат кардем, дар мавриди меҳнати кӯдакон чунин гуфт:

- Аз ваколатҳои қонуние, ки ба Хадамоти меҳнат дода шудааст, аз ҷумла манъи истифодаи меҳнати ноболиғон дар корхона, муассиса, ташкилот, ҳамчунин бо роҳи ҷаримабандӣ, таъсиррасонии маъмурӣ пешгирӣ карда истодаем. Мутаассифона, як ҳолати дигар ҳам ҷой дорад. Масалан, аз шароити вазнини меҳнатӣ, кӯдакон дар сари роҳу бозор аробакашӣ, мошиншӯӣ, салафанфурӯшӣ машғуланд ва ин амали маъмулӣ шудааст. Аввал ин ки роҳу равиши ба даст овардани маблағро онҳо ёд гирифтаанд, вале аз нуқтаи назари дигар гирем, бештари онҳо муқими шаҳри Душанбе нестанд. Аксарияти онҳо аз гирду атрофии шаҳр, аз минтақаҳои Рашту Хатлон ба инҷо омада, ба ҳамин корҳо даст мезананд. Асосан бояд дар ин самт мо назорати мақомоти корҳои дохиларо пурзӯр гардонем, зеро ин ниҳодҳо нозирони кор бо ноболиғонро доранд, ки бояд ин корро пеш баранд. Мо танҳо дар ҳамон ҳолате, ки расман меҳнати кӯдаконро истифода мешавад, метавонем таъсир расонем. Мутаассифона, истифодабарии меҳнати ноболиғон дар ягон ҷо расмӣ нашудааст.

Сабаби асосии ба меҳнати ғайрирасмӣ даст задании кӯдонро Наврӯз Самадов чунин арзёбӣ намуд:

- Пеш аз ҳама як омил аст. Масалан, як кӯдаке, ки бояд дар синну соли худ ба бозӣ ва дигар машғулиятҳои ба ин син мувофиқ машғул шавад, аз саба



би он ки шароити зиндагиаı вазнин аст, ба чунин корҳо дас мезанад. Камбизоатӣ ҳам да ин самт нақши худро мебоза, вале аз ҳама нақши муҳимр омили кӯча бозӣ мекунад. Ваı те наврас, ба кӯча баромада б ҳамсолони худ бозӣ мекунад фарқи худро аз дигар ҳамсол наш пай мебарад, дар ин ҳо дар дили ноболиғ ғаму ғусса ч мегирад. Вай як роҳе меҷӯяд, к бояд аз мисли ҳамсолонаш бо шад. Инро пешгирӣ кардан ғай риимкон аст. Бо кадом сабаб Сабаби асосӣ он аст, ки бешта ри оилаҳо серфарзанд ҳас танд. Қудрати падару модар б шароити имрӯзаи бозорӣ муь фоиқ нест, то кӯдаконашонро дар сатҳи фарзандони дигар оилаҳо таъмин кунанд. Ҳар як падару модар мехоҳад, ки фарзандаш беҳтарин либос, беҳтарин ғизо ва беҳтарин тарбияро дошта бошад, лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари оилаҳо камбизоат ҳастанд, аз ин рӯ наметавонанд хоҳишҳояшонро пурра амалӣ гардонанд.

Дар мавриди пешгирии кӯдакон аз ҳар гуна корҳои «сиёҳ» ва ба мактабҳои бепул ҷалб намудаи онҳо сардори хадамоти меҳнат чунин гуфт:

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоате, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, соли 2007 аз 2-май №244 қабул шудааст. Барои муқоиса, агар дар соли 2009 барои мактаббачаҳо зиёда аз 9 млн сомонӣ ҷудо шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2010 бештар аз 10 млн сомонӣ аст. Агар гӯем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин самт эътибор намедиҳад, дуруст нест. Мо барои он ки оилаҳои камбизоат дастгирӣ ёбанд кӯшиш карда истодаем. Лекин мутаассифона қудрати пурра рӯйпӯш кардани хароҷоти оилаҳои камбизоатро надорем. Аз ҳамин нуқтаи назар пеш аз ҳама танзими оила нақши муҳим мебозад. Бояд ҳар як падару модар ба шарту шароити худ нигоҳ карда, шумораи оилашонро афзун кунанд. Падару модар вазифадоранд, ки фарзанди худро солим ба воя расонад.

Дар давлатҳои хориҷа ба ин чиз дигар хел нигоҳ мекунанд. Масалан, онҳо ба он аҳамият медиҳанд, ки ноболиғи ба меҳнат дастзада мухторият меҷӯяд. Меҳоҳад мустақил бошад. Мо метавонем дар вақте ноболиғро ғайриқонунӣ кор фармуда муздашро намедиҳанд, даҳолат кунем. Аммо зиддият ба он ки ноболиғ умуман бояд кор накунад, ин нодуруст аст. Дар шароити ҳозира рақобат байни мардум ҳамин хел аст, ки ноболиғро истифода бурда, бо фиребу найранг маблағи ӯро намедиҳанд.

Дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқҳои кӯдакони меҳнаткаш ӯ мегӯяд, ки дар доираи қонун бигирем, ноболиғ расман дар ягон ҷо кор намекунад. Яъне, аз рӯи қонун ин ғайриқонунӣ истифодабарии қувваи кории ноболиғ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати поймол гаштани ҳуқуқҳои ноболиғ новобаста аз он, ки дар ваколатҳояш ҳаст, ё не, ҳар нафари шоҳид бояд ӯро ҳимоя кунад. Ин танҳо ба як мақомот дахл надорад. Шаҳрванде, ки дар берун қонуншиканиро мебинад, ба монанди истифодаи ғайриқонунии меҳнати ноболиғ ва бетарафиро зоҳир мекунад, ин ҳам баробари қонуншиканӣ аст.

Дар ин маврид менеҷери барнома оид ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдаки ташкилоти «Save the children» Валиҷон Каримов дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон маҳдуд карда нашудааст, ба ҷуз мошиншӯӣ ё ҷӯпонӣ, боз таҷовузи ҷинсӣ нисбат ба кӯдакон зиёд аст. Ҳамчунин ӯ қайд кардааст, ки сабаби камфаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ ва мақомоти давлатӣ дар ин самт норасоии маблағ аст: «Аксарияти ташкилотҳои байналхалқӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматие, ки бо системаи кӯҳнашудаи форуми меҳнат амал менамоянд, ба дастгирии донорҳо мӯҳтоҷанд. Алҳол дар ин самт на он қадар хазинаҳо маблағ ҷудо мекунанд. Мо фаъолона кӯшиш карда истодаем, ки боз фондҳои иловагӣ пайдо намоем».

Вазъи гиряовари кӯдакони меҳнаткаш дар кишвар ҳалли худро меёбанд, ё на, суоли кушода боқӣ мемонад. Ташкилотҳои байналхалқӣ бошанд баҳри пешгирии суистифода аз қувваи кӯдакон кори худро идома дода, барои ҷудо намудани маблағ доннор меҷӯянд, аммо зиндагии якранги ин кӯдакон ба ҳамин минвол идома ёфтан мегирад, то он замоне ки худи ин дастандаркорон боре дар ҷойи ин кӯдакон ба мошиншӯӣ ва ё ҷӯпонӣ мӯҳтоҷ шаванд.

**Фарангиси Музаффар**

## Президенти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ:

# ЁРИИ КӢ ДАР СУХАН МОНДА, АЗ КӢ АМАЛӢ ШУДА...



**Интизор мешавем, то бубинем, ки қисмати аввали ин гуфтаи президенти Ӯзбекистон ба кӣ тааллуқ дораду қисмати охираш дар ҳаққи кӣ гуфта шудааст**

Аз баргузории саммити Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва сафари президенти Тоҷикистон ба кишвари ҳамсоя интизор мерафт, ки масъалаи вагонҳои дар банд мондаи Тоҷикистон оқибат ҳаллу фасл мешавад ва имкон дорад, дар гуфтугӯҳои дуҷонибаи Ислом Каримов ва Эмомалӣ Раҳмон дар Тошканд бисёре аз нофаҳмиҳои охир миёни ду давлат бартараф мегарданд.

Гуфта мешуд, ки президенти Тоҷикистонро дар ин сафар президенти Ҷумҳурии исломии Эрон ҳамроҳӣ хоҳад кард, аммо ҳамон бегоҳие, ки Аҳмадинажод дар Душанбе қарор дошт, Шӯрои амнияти СММ ба номи ин кишвар қатъномаи нав қабул кард. Дар қабули ин қатънома Расия ва Чин, ки пештар худдорӣ мекарданд, саҳм гузоштанд ва ҳамин хел шуд, ки ин кишварҳои узви СҲШ оинномаи ин ташкилотро ёдоварӣ карданд, ки мувофиқ ба он ҳар кишваре, ки "доғи судӣ" дорад, наметавонад то шустани ин гуноҳаш аъзои комилҳуқуқи СҲШ шавад. Ва Аҳмадинажоди ба кори ин созмон чун нозир даъватшуда аз Душанбе на ба Тошканд, балки боз ба ватан баргашт. Дар саммити Тошканд вазири корҳои хориҷии Эрон Манучеҳри Муттако ширкат кард, ки бешубҳа ҳеч наметавонист Аҳмадинажодро ҳам дар кори нозирӣ ва ҳам ҳамроҳӣ кардани Эмомалӣ Раҳмон иваз кунад.

Ағлаби коршиносону таҳлилгарон бе ягон шубҳа ин сафарро барои во кардани гиреҳҳо дар муносибати ду кишвар мусоид медонистанд. Муовини ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Расия Раҳмон Ӯлмасов ин интизориҳоро воқеияти рӯз медонист. Вай дар арафаи ин сафари президенти Тоҷикистон гуфта буд, ки агар мулоқоти дуҷониба ба ҳалли мушкили транзит даст наёбад, бояд муаммоҳои кушоиши гиреҳи мухолифатҳоро во кунад. "Барои мисол баҳсе, ки дар конфронси байналмилалии "Об барои ҳаёт" дар Душанбе миёни намояндагони Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба вуҷуд омад, шаҳодати он аст, ки замони ба гуфтугӯ нишастан сари ин масъала расидааст, зеро ин масъала аз қаламрави ҳарду кишвар хориҷ шуда, то ба Созмони ҳамкорӣ ва амнияти Аврупо, СММ, Иттиҳоди Аврупо ва ҳукумати Амрико расидааст", - гуфта буд Ӯлмасов.

Дар конфронси "Об барои ҳаёт", ки дар Душанбе баргузор шуд, намояндагони ҷониби Ӯзбекистон кушоду равшан иброз намуданд, мухолифи бунёди нерӯгоҳи Роғун ҳастанд. Муовини вазири иқтисоди Ӯзбекистон Галина Саидова, ки ҳайати ӯзбекҳоро сарварӣ мекард, дар ин конфронс гуфт, кишвараш мухолифи сохтмони нерӯгоҳи Роғун аст, зеро барномаи сохтмони ин нерӯгоҳ дар замони Шӯравӣ тарҳрезӣ шудааст. Ӯзбекистон ба сохтмони нерӯгоҳи Роғун дар сурате мухолиф нахоҳад буд, агар аз ҷониби Тоҷикистон кафолати бехатарии садди ин нерӯгоҳ дар сурати зилзила дода шавад ва экспертизаи байналмилалӣ бунёди ин нерӯгоҳро баъди ташхис барои минтақа бе зарар донад.

Ҳамин тариқ дар ин конфронс аз се тараф баҳси об бархост ва кишварҳои болоб даъвои соҳибии обҳо карданд. Махсусан, намояндаи Қирғизистон дар суханронии худ далелҳоеро овард, ки боиси вокуниши ҷониби Ӯзбекистон шуд ва як намояндаи ин кишвар дар ҷавоб иддао кард, ки агар дар тобистон Тошканд барои обҳои зиёдатии ба ҳудудаш ҷоришаванда маблағ пурсад, пас ҳоли болообиҳо чӣ хоҳад шуд?

Ба гуфтаи собиқ муовини сарвазири Тоҷикистон, коршиноси минтақа Давлат Усмон, мухолифати Ӯзбекистон ба Тоҷикистон собиқаи беш аз 20-сола дорад ва ба даврони азҳампошии Шӯравӣ ва таъини аломатгузории марз рост меояд. Давлат Усмон дар ин бора изҳори назар карда гуфта буд: "Обанбор ва нерӯгоҳи "Фарҳод", ки дар гузашта аз тарафи Ӯзбекистон бунёд гардида, дар қаламрави Тоҷикистон қарор дорад, барои Ӯзбекистон аҳамияти калони стратегӣ дорад, зеро Тошкандро маҳз захираи ин нерӯгоҳ бо об таъмин мекунад. Ӯзбекистон мехоҳад, ки Тоҷикистон ин обанборро дар ихтиёри Тошканд қарор диҳад. Дар он сурат ин кишвар ба сохтмони Роғун мухолифат нахоҳад кард".

Ба гуфтаи Давлат Усмон, далели аслии мухолифат ва эҷоди мушкил дар транзити бор ва фишорҳо сари Тоҷикистон аз тарафи Ӯзбекистон ҳамин аст. Вай ба ин ақида буд, ки дар гумон аст, дар гуфтугӯҳои президентҳо дар Тошканд ин мушкил ҳал шавад.

Чанде аз коршиносони дигари воқифи вазъ низ ба ин бовар буданд, ки баррасии мушкили миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар саммити Созмони ҳамкории Шанхай дар Тошканд дар гумон аст, зеро Ӯзбекистону Чин дар ин байн дар мавриди интиқоли гази арзони Ӯзбекистон тавофуқ кардаанд ва Расия майли миёнравӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро надорад. Ин коршиносон ба он бовар буданд, ки танҳо роҳи даст ёфтан ба ҳалли ин мушкилот ба президенти Тоҷикистон вобастагӣ дорад, ки тавонад Ӯзбекистонро бовар ва розӣ кунад.

Аммо дар кори саммити СҲШ дар ин мавзӯъ ишорае нарафт ва президенти Тоҷикистон ба ҳамтоёни дигараш дар мавзӯъҳои дигар сӯҳбату гуфтушунид кард. Бино ба иттилои дафтари матбуоти президенти Тоҷикистон доир ба масоили кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои Расия бо Тоҷикистон байни Эмомалӣ Раҳмон ва Дмитрий Медведев мубодилаи афкор сурат гирифтаст. Президентҳо қарор доданд, ки масоили ҳамкории дуҷонибаи ду кишварро моҳи августи соли равон дар шаҳри Сочии Федератсияи Расия муфассал баррасӣ намоянд.

Сайти расмии президенти Тоҷикистон аз натиҷаи вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон бо Ислом Каримов чунин хабар дод: "Дар мулоқоти сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов масоили кунунии ҳамкорӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои ду кишвар дар фазои ошкоро ва ҳавасмандии ҳарду ҷониб баррасӣ шуд.

Таваҷҷӯҳи асосӣ ба масоили мубрами ҳалталаб дар муносибатҳои дуҷонибаи ду кишвар, аз ҷумла ба масъалаҳои рушди энергетикаи Тоҷикистон ва фаъолияти босуботи инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионии миёни ду кишвар, зоҳир гардид.

Ҳарду ҷониб ба мувофиқа омаданд, ки маводи хӯрокворӣ, сӯзишворӣ ва дигар молҳо, ба ҷуз борҳое, ки барои сохтмони нерӯгоҳи Роғун пешбинӣ шудаанд, ба ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла тавассути қитъаи роҳи оҳани Термез-Амузанг-Қурғонтеппа бемонеа интиқол дода шаванд.

Масоили сохтмони нерӯгоҳи Роғун мавриди баррасии амиқ қарор гирифт. Ҷониби Тоҷикистон омодагии худро баҳри гузаронидани ташхиси мустақили байналмилалии ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологии бунёди ин иншооти гидротехникӣ бори дигар таъкид намуд.

Аз рӯйи масоили дигари баррасишуда сарони ду давлат ба мувофиқа омаданд, ки баҳри нигаҳдошти фазои ошкору шаффоф дар муносибати дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон робитаҳои пайваста дошта бошанд.

Дар мулоқот ҳамчунин масоили дигари минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла вобаста ба таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ баррасӣ шуд".

Дафтари матбуоти президенти Ӯзбекистон бар иловаи ин маълумот аз гуфтаи Ислом Каримов низ ёдовар шудааст: "Халқи ӯзбеку тоҷик аз давраҳои қадим паҳлӯ ба паҳлӯи ҳам зиндагӣ карда, хурсандиро бо ҳам медиданд ва якдигарро дар рӯзҳои сахту вазнин дастгирӣ менамуданд. Таърих ва худи зиндагӣ борҳо исбот кардаанд, ки ёрии кӣ дар сухан мондаву кӣ амалан онро ба иҷро расонидааст".

Интизор мешавем, то бубинем, ки қисмати аввали ин гуфтаи Ислом Каримов ба кӣ тааллуқ дораду қисмати охираш дар ҳаққи кӣ гуфта шудааст. Ба назар мерсад, ки Каримов ба ваъдааш вафо мекунад, чунки чуноне сардори Хадамоти боркашонии ширкати "Роҳи оҳани Тоҷикистон" (РОТ) Гулсара Маҳмудова ба TojNews иттилоъ додааст, аз 8-ум то 14-уми июн 1 ҳазору 822 вагони боздоштшуда аз Ӯзбекистон ба Тоҷикистон ворид шудаанд. Аз инҳо 1 ҳазору 206 вагон ба истгоҳи шаҳри Душанбе ва 616 вагон ба истигоҳи "Қурғонтеппа", таалуқ доранд. 614 вагони боқимонда, ки ҳоло дар Ӯзбекистон қарор доранд, ба соҳибкорон ва корхонаҳои давлатии вилояти Хатлон мансубанд, ки 389 вагон равғани молиданӣ ва сӯзишворӣ, 83 вагон газ, 37 вагон битум, 19 вагон орд, 7 вагон семент ва 79 вагон борҳои гуногунанд.

"Борҳо (асосан семент) ва таҷҳизоте, ки ба Истигоҳи барқии обии Сангтуда-2 ва Корхонаи креолити Ёвон таълуқ доштанд пурра ба соҳибонашон расонида шуданд", - гуфтааст Гулсара Маҳмудова.

Пас, маълум мешавад, ки қисми зиёди вагонҳо аллакай ба манзил расидаанд? Чанд рӯзи дигар ва боқимондаҳояш ҳам мерасанд? Ин маънои онро надорад, ки ҷониби Ӯзбекистон ба ваъдааш вафо кардааст? Ва аммо, аслан ҳамин гапи дар банд мондани вагонҳои озуқа асосе доштанд? Диққат диҳед, ки ин намояндаи ширкати РОТ дар давоми хабар чӣ маълумоте медиҳад: "Дар вагонҳои ба самти истгоҳи Душанбе ҳаракаткунанда на ҳамеша (!) мушкилот эҳсос мешуд, борҳо қисман ҳам бошанд ба ин истигоҳ (Душанбе) ворид (!) мешуданд. Мушкилоти асосии мо ин борҳои ба самти истгоҳи Қурғонтеппа ҳаракаткунанда буданд, ки дар он маҳдудиятҳои аз ҳад афзун эҳсос мешуд ва бояд рӯзҳои оянда тамоми мушкилоти мо дар ҳамлу нақли борҳо ба охир расанд".

Ҳоҷати шарҳ додан намондааст. Акнун ба ҳамон сухани дар мулоқот гуфтаи Каримов як бори дигар аҳамият диҳед.

**Бобои Валӣ**

# МУЗОКИРОТИ БЕ НАТИҶАИ ТОШКАНД ВА ОШКОР ШУДАНИ БАҲОНАТАРОШИИ ӮЗБЕКИСТОН



## Мухолифати Ӯзбекистон ҷиддӣ аст

Бар хилофи интизорот ва пешгӯиҳо, дар дидори Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон ва Ислом Каримов, президенти Ӯзбекистон дар Тошканд тавофуқе дар чиҳати ҳалли масоили мавчуд миёни ду кишвари ҳамсоя, аз чумла таваққуфи вагонҳои Тоҷикистон дар қаламрави Ӯзбекистон, ҳосил нашуд.Тарафи Ӯзбекистон дар идомаи мухолифатҳои худ ба сохти неругоҳи Роғун, эълом кард вагонҳои дорои таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ барои ин неругоҳ ҳамчунон ичозаи гузаштан ба Тоҷикистонро нахоҳанд дошт. Бар асоси гузоришҳои мунташира дар бораи натичахои дидори Раҳмон ва Каримов, Ӯзбекистон ба зудӣ ба вагонҳои Тоҷикистон, ки нисбате ба неругоҳи Роғун надоранд, ичозаи ҳаракат хоҳад дод.

Ҳамин тавр Тошканд бо ин иқдоми худ нишон дод, ки мухолифатҳояш ба сохти неругоҳи Роғун ҷиддитар аз он чӣ ҳаст, ки дар Тоҷикистон тасаввур мекунанд. Давлати Ислом Каримов бо истифодаи моҳирона аз шароити кунунии ҷаҳон ва минтақа, ки ниёзи қудратҳои Шарқу Ғарбро ба ҳамкориҳои Ӯзбекистон беш аз ҳар замони дигаре афзоиш дода, мавқеияти ҷуғрофӣ ва вуҷуди манобеи нафту газ, ҷойгоҳ ва аҳамияти ин кишварро дар иҷрои барномаҳои қудратҳои ҳозир дар Осиёи Марказӣ, ба таври бесобиқае боло бурдааст, барномаҳои худро пайгирӣ мекунад. Чунин вазъияте қудратҳои мазкурро дар мавқеияти ниёзмандӣ қарор дода, онҳоро ночор ба чашмпушӣ дар қиболи тамоми амалкардҳои хилофи қавонин ва муқаррароти байналмилалии давлати Тошканд намудааст. Ва ин шароит Ӯзбекистонро дар анҷоми рафторҳои зиддибашарӣ нисбат ба Тоҷикистон, густохтар кардааст.

## Ӯзбекистон дӯсти Тоҷикистон аст?

Нигоҳе ба раванди равобити Ӯзбекистон бо Тоҷикистон баъд аз касби истиқлоли ин ду кишвар, баёнгар аз он аст, ки Тошканд ҳамвора талош кардааст, ҳамсояи худро дар вобастагӣ нигоҳ дорад, то битавонад хостаҳои худро таҳмил кунад. Ҷанги таҳмилии панҷсола дар Тоҷикистон ва таҳаввулоти марбут ба он ба вузуҳ нишон медиҳад, ки Ӯзбекистон ҳаргиз дар мавзеи холисона ва бетарафона амал накарда, балки талош кардааст, бо истифода аз фурсат барномаҳои худро дар Тоҷикистон пеш барад. Дар шароите, ки тамоми кишварҳои минтақа бо мизбонӣ аз мулоқоти тарафҳои он замон рақиби тоҷик, саъй доштанд ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҳарчӣ зудтар хотима диҳанд, Ӯзбекистон ҳеч гоҳ ҳозир нашуд, мизбони музокироти сулҳи тоҷикон бошад. Ба илова дар музокироти сулҳи тоҷикон давлати Тошканд ё ширкат надошт ва ё давлатмардони камсалоҳияти худро мефиристод. Сарфи назар аз ин Тоҷикистон ҳамеша манфиатҳои Ӯзбекистонро дар назар мегирифт. Ҳатто дар шароити барои худ душвор садди роҳи мухолифони мусаллаҳи давлати Каримов мешуд ва аз нуфузи онҳо ба қаламрави Ӯзбекистон пешгирӣ мекард ва дар ин роҳ садҳо тан аз ҷавонони тоҷикро қурбон кардааст.

## Роғун ташаббуси Ӯзбекистон ва барои Ӯзбекистон аст

Бо чунин руҳкарде метавон гуфт, ки нерӯгоҳи Роғун фақат як баҳона барои Ӯзбекистон аст, то барномаҳои худ дар ростои монеътарошӣ дар роҳи тараққию пешрафти Тоҷикистонро амалӣ кунад. Нигоҳе гузаро ба таърихи тарҳи нерӯгоҳи Роғун тасдиқе бар ҳамин гуфтаҳост. Сохтани ин тарҳ дар солҳои 70-уми қарни гузашта огоз шуд, аммо дар пайи мухолифатҳои рӯшанфикрони тоҷик корҳои сохтмонӣ ду бор мутаваққиф шуданд. Ӯзбекистон ба унвони муаллиф ва ташаббускори аслии тарҳи Роғун, бар сохтани он исрор мекард, зеро мехост бо густариши заминҳои кишоварзӣ истеҳсоли пахтаро аз 5 миллион тон ба 9 миллион тон дар сол афзоиш диҳад. Бо дахолатҳои мустақими Ӯзбекистон анҷумани 24-уми ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ, бо беэътинойи ба мухолифатҳои Тоҷикистон, тарҳи сохтани нерӯгоҳи Роғунро ба тасвиб расонд. Аз ин рӯ, агар имрӯз тарҳи Роғун намебуд, Ӯзбекистон бо ба миён кашидани фаъолияти корхонаи алюмини тоҷик, ҳамин кореро мекард, ки бо баҳонаи сохтани нерӯгоҳи Роғун мекунад.

## Муҳосираи иқтисодӣ ба фоидаи Тоҷикистон аст

Таърихи башарият саршор аз руйдодҳоест, ки баёнгар аз ба коргирии муҳосираи иқтисодӣ дар равобити давлатҳо мебошад. Дар аксари ҳолатҳо ин иқдомҳои ба зоҳир танбеҳӣ, ба нафъи миллатҳои мазлум тамом шудаанд. Имрӯз низ шоҳиди он ҳастем, ки муҳосираи иқтисодӣ ва иртиботии Тоҷикистон тавассути Ӯзбекистон дар ҳоли кор кардан ба нафъи миллати тоҷик мебошад.

Дар пайи амалкарди мақомоти ӯзбек, барои масъулони тоҷик имкон фароҳам омад, ки дӯстро аз душман фарқ кунанд. Аз ҷумла, рушан шуд, ки Расия чун ҳама қудратҳои султаталаб ва судҷӯ шарики стратегӣ надорад, балки манофеи стратегӣ дорад ва бар асоси ҳамин манофеъ шариконы худро барои марҳалаҳои мушаххас интихоб ва иваз мекунад. Ҳамчунин, ба баракати иқдомоти қонуншиканонаи давлати Тошканд, чеҳраи воқеии кишварҳои муддаии демократия ва ҳомиёни ҳуқуқи башар бармало шуд. Ба хотири манофеи худ, ҳеч як аз кишварҳои ғарбӣ, ки ҳадафи аслии ҳузури худ дар минтақаро барқарории демократия ва озодиҳои шаҳрвандӣ эълом карданд, ҳозир нашуданд, ба шикоятҳои Тоҷикистон дар қиболи беадолатиҳои Ӯзбекистон, расидагӣ кунанд. Ниҳодҳои байналмилалии вобаста ба ин қудратҳо низ бо ба бозӣ гирифтани сарнавишти миллати тоҷик, дар баробари иқдомоти зиддибашарии Ӯзбекистон чашмпушӣ карданд.

## Эрон - дӯсти Тоҷикистон

Ҳамзамон бо ин ҳама, Ҷумҳурии исломии Эрон бори дигар дӯст ва бародари воқеии давлату миллати тоҷик будани худро ба намоиш гузошт. Фишорҳои Тошканд давлати Душанберо водор намуд, ки бо диди бозтар ба равобит бо Ҷумҳурии исломии Эрон нигоҳ кунад. Ин воқеият ғайриқобили инкор аст, ки бо дахолатҳои мустақим ва ғайримустақими кишварҳои бадхоҳ, мақомоти тоҷик то солҳои охир алоқаи чандоне ба густариши равобит бо Теҳрон надоштанд. Онон ба андешаи он, ки наздикии беш аз ҳад бо Эрон боиси тақвияти нерӯҳои исломгаро хоҳад шуд, бо ҳар баҳонае аз Теҳрон фосила мегирифтанд ва фақат дар ҳолатҳои иҷборӣ ба истиқболи Эрон мерафтанд. Аммо Ҷумҳурии исломии Эрон собит намуд, ки ҳеч дахолате дар умури дохилии Тоҷикистон надорад ва дар ин кишвар ҳадафе ҷуз кӯмак ба пешрафту таолии давлату миллати тоҷик надорад. Акнун дар Душанбе беш аз ҳар замони дигаре зарурати иттиҳоди се кишвари форсизабонро дарк карданд. Тасвиби таҳримҳои ноодилона дар Созмони милали муттаҳид алайҳи барномаҳои сулҳомези атомии Ҷумҳурии исломии Эрон ва иқдоми Амрико барои музокира бо гурӯҳи ифротии толибон дар Афғонистон, ҳамчунин муҳосираи иқтисодии Тоҷикистон тавассути Ӯзбекистон собит намуд, ки имрӯз душманони фарҳангу тамаддуни форсизабонон дар саросари ҷаҳон сафарбар шудаанд, то монеъ аз ҳамгаройии ин се кишвар шаванд.

## Зарурати бознигарӣ дар дипломатия

Таҷрибаи беш аз сисолаи Ҷумҳурии исломии Эрон нишон медиҳад, ки миллати ғаюри Эрон чӣ гуна аз таҳримҳо ва муҳосираҳои иқтисодии душманон истифода кард ва бо фаъол кардани зарфияту имкониятҳои бумӣ, ба тадриҷ дар тамоми заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ ба худкафойӣ даст ёфт. Аз ин рӯ, ҳамон гуна, ки бо кӯмаки Эрон тунели Истиқлол ба баҳрабардорӣ расид ва роҳи заминӣ миёни марказ ва шимоли Тоҷикистон сохта шуд, он рӯз дер нест, ки се кишвари форсигӯ дар муқобила бо иқдомоти душманон, нерӯгоҳҳои азим дар Тоҷикистонро такмил ва роҳҳои оҳани худро низ пайваст хоҳанд кард. Бо таваҷҷӯҳ ба тавони фаннӣ ва муҳандисии мавҷуд дар Эрони исломӣ, иҷрои чунин барномаҳо кори душворе нахоҳад буд.

Дар шароити кунунии ҷаҳон ва минтақа ба умеди кӯмаки кишварҳое назири Расия ва ниҳодҳои байналмилалие ҳамчун Созмони милал, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Созмони ҳамкории Шангҳай ва амсоли инҳо шудан, ҷуз талафи вақт ҳосили дигаре барои Тоҷикистон нахоҳад дошт. Аз ин рӯ, Тоҷикистонро зарур аст бо тақвияти дастгоҳи дипломатии худ ва бознигарии ҷиддӣ дар равобити хориҷӣ, зимни авлавият додан ба густариши ҳамкориҳо дар тамоми заминаҳо бо Ҷумҳурии исломии Эрон ва дигар кишварҳои дӯст, тарҳҳои миллии худро масъулона пайгирӣ кунад. Акнун фурсати он расидааст, ки масъулони давлати Душанбе дар тамоми радаҳо манофеи миллӣ ва давлатиро дар авлавият қарор дода, ба фикри инсиҷом ва иттиҳоди миллӣ бошанд. Истифода аз таҷрибаҳои Ҷумҳурии исломии Эрон беҳтарин роҳкор дар ин замина мебошад.



**Аъзами Ҳуҷаста**

# БОРГОҲИ ИФТИХОР

Манбаъ: http://aioubzod.wordpress.com

**Сӯҳроб Камолов номзади илми тиб, ҷарроҳи қалб ва корманди Маркази илмӣ-тиббии ба номи Бакулеви шаҳри Маскав, 38 сол дошта, дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1989 мактаби миёнаи рақами 60-и пойтахтро хатм кардааст. Ҳамон сол ба Донишгоҳи тибби Тоҷикистон дохил мешавад. Вай ҳамчунин Академияи ҳарбии тиббии шаҳри Санкт-Петербургро низ хатм кардааст. Модари руси ӯ дандонпизик ва падари тоҷикаш низ табиб буда, ҳоло ҳарду дар нафақа буда, дар Маскав зиндагӣ мекунанд.**




# МИРРИХНАВАРДИ ТОҶИК

## Духтури тоҷик - миррихнавард

Дар миёни 6 нафаре, ки барои озмоиш ба парвози сохта ба сайёраи Миррих оғоз кардаанд, духтури тоҷики муқими Маскав, зодаи Душанбе Сӯҳроб Камолов низ ҳаст. Тарҳи ин парвози тахайюлӣ ба сайёраи сурх - "Миррих-500" ном дошта, шаш нафар ба истилоҳ "миррихнавард" чанд рӯз пеш дар як маҷтамаъи озмоишии Пажӯҳишгоҳи тиббиву биологии Фарҳангистони улуми Расия, дар шаҳри Маскав, дар як муҳити хеле наздик ба муҳити киштии кайҳонии озими парвозҳои дуре, чун ба Миррих, гӯё ба "парвоз" оғоз карданд.

Ба иттилои дафтари матбуоти Роскосмос - Агентии федералии кайҳоншиносии Расия, ин, ба истилоҳ "миррихнавардон" 17 моҳи оянда аз ин маҷтамаъи баста берун нахоҳанд шуд. Озмоиш дар киштии кайҳонии тахайюлӣ аз се марҳила иборат аст – 250 рӯзи аввал "миррихнавардон" гуё ба Миррих парвоз мекунанд. 30 рӯзи дигарро онҳо ҳамин тавр, ба сурати тахайюлӣ гӯё дар "Сайёраи сурх" сипарӣ хоҳанд кард ва 240 рӯзи боқимонда сарфи роҳи бозгашти ин шашгона аз Миррих ба Замин хоҳад шуд.

Хоҳишмандони ширкат дар ин парвози озмоишӣ, албата, хеле зиёд буданд ва мутахассисон аз миёни садҳо довталаб танҳо ҳамин шаш нафари ба бовари онҳо варзидатарро интихоб карданд, ки якеаш ҳамватани мо, зодаи шаҳри Душанбе Сӯҳроб Камолов аст.

Бо вуҷуди тахайюлӣ будани ин парвоз Сӯҳроб шояд нахустин нафар аз мардуми фаровоне дар Тоҷикистон аст, ки ба орзуи кайҳоннавард шудан, ки дар аҳди Шӯравӣ барои мисол аксар дар дил мепарварид, беш аз ҳар каси дигар наздиктар шудааст.

## Гагарини тоҷик кист?

Аммо ин кайҳонаварди тоҷик кист? Сӯҳроб Камолов номзади илми тиб, ҷарроҳи қалб ва корманди Маркази илмӣ-тиббии ба номи Бакулеви шаҳри Маскав, 38 сол дошта, дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1989 мактаби миёнаи рақами 60-и пойтахтро хатм кардааст.

Ҳамон сол ба Донишгоҳи тибби Тоҷикистон дохил мешавад. Вай ҳамчунин Академияи ҳарбии тиббии шаҳри Санкт-Петербургро низ хатм кардааст. Модари руси ӯ дандонпизик ва падари тоҷикаш низ табиб буда, ҳоло ҳарду дар нафақа буда, дар Маскав зиндагӣ мекунанд. Ибодат Усмонова мудирии мактаби рақами 60-уми Душанбе, ки Сӯҳроб Камолов дар ҳамин ҷо таҳсил кардааст, мегӯяд, хонаводаи ӯ дар соли 2007 аз Душанбе кӯч баст.

Устодони Сӯҳроб дар мактаби рақами 60 мегӯянд, ки шогирдашон аз овони мактабхонӣ ба фанни ситорашиносӣ шавқу рағбат дошт ва баръакси ҳамсабақонаш, ки ин фанн барояшон мушкил буд, аз астрономия ҳамеша баҳои аъло мегирифт. Ҳамчунин ба физика низ рағбат доштааст, аммо бо вуҷуд аз ин фан баҳои Сӯҳроб 4 будааст.

Яке аз устодони ӯ - Наталя Раҳмонова мегӯяд, аз овони толибилмиаш дида мешуд, ки Сӯҳроб дар оянда чизе мешавад. Аммо дар ҳар иншое, ки дар мавзӯъи интихоби касб меnавишт, ҳамеша мегуфт, ки табиб хоҳад шуд.

## Ҷароҳӣ дар кайҳон

Сӯҳроб дар бораи ин озмоиш гуфтааст: "Ҷисман қавӣ будани кайҳонавард шарти асосӣ аст. Падарам маро аз хурди маҷбур мекард, ки машқи бештар кунам. Барои мо дар ин озмоиш муҳим он аст, ки ба шароити дохилии киштӣ, ҳар он чизе, ки барои тановул ва талаботҳои дигар омода шудааст, иктифо намуда, мустақилона рафтор кунем. Давоми 250 рӯз ғизои мо маъмулан монанди ғизоҳои замин буда, аммо намакаш камтар аст. Ширинипро баъди бозгашт хоҳем хӯрд. Вазифаи ман дар кайҳон ҷароҳии дил аст ва бояд, ки ҳатман вазифаамро иҷро кунам".

Хабари барои тақрибан якуним сол ба "сафар"-и Миррих рафтани Сӯҳроб Камолов аҳли хонаводаи ӯро ибтидо каме нороҳат кард, вале дар ниҳоят маслиҳат ин шуда, ки Сӯҳробро фотиҳаи роҳ бидиҳанд.

Ва ҳатто писари хурдсоли ӯ - Рустам ҳам шодӣ кардааст, ки падараш кайҳонавард мешавад. Сӯҳроб ва ҳамсараш Парвина як писар ва як духтар (Амина) доранд.

Ба гуфтаи Сӯҳроб 520 шабонарӯз робита бо наздиконаш маҳдуд аст, зеро дар кайҳон телефон ва интернет нест. Ва ягона василаи робита бо хонавода ирсоли нома ба пажӯҳишгоҳ аст, ки баъдан онро ба дасти миррихнавардон хоҳад расонд.

Дар озмоиши "Миррих-500" ҳамроҳ бо Сӯҳроб Камолов, ду тани дигар аз Расия ва як нафарӣ аз Итолиёву Фаронсаву Чин низ ширкат мекунанд, ки касе аз онҳо собиқаи кайҳоннавардӣ надорад.

Сардори бахши фаннии барномаи "Миррих-500" Евгений Дёмин гуфтааст, парвози озмоишии миррихнавардон соат ба соат ҳама барномарезӣ шудааст. Ба гуфтаи ӯ, низоми кор дар ин киштии кайҳонии тахайюлӣ низ 8-соатӣ буда, "миррихнавардон" бояд 8 соатро барои озмоишҳои илмӣ ва таъмини кори киштӣ, 8 соатро ҳатман барои хоб ва боқӣ 8 соати дигарро барои корҳои инфиродӣ масраф кунанд.

Аъзои ҳайъат 24 соат дар шабонарӯз таҳти назорати видеоӣ қарор хоҳанд дошт, ки ин низ як шарти қарордоди онҳост.

Евгений Дёмин афзуд, ки аҷаб нест миррихнавардон дар вазъи фавқулодда ҳам қарор бигиранд – созмондиҳандагони барномаи "Миррих-500" – ЕКА ё Агентии кайҳонии Аврупо ва Пажӯҳишгоҳи тиббиву биологии Академияи илмҳои Расия мехоҳанд вазъи ғайримунтазираеро низ озмоиш кунанд, ки шояд дар истгоҳи байналмилалии кайҳонӣ ба вуқӯъ пайванд.

Озмоиш фақат дар сурате қатъ карда мешавад, ки агар вазъ хело сангин шуда, барои ҳаёти онҳо таҳдиде ба миён биёяд. Ин метавонад марбут ба саломатӣ ё марбут ба техника бошад. Дар дигар ҳолатҳо, ҳатто озмоишро тарк кардани яке аз аъзои экипаж наметавонад боиси қатъи озмоиш шавад.

## Оғози роҳи дур

Дар даврони Шӯравӣ ба ягон нафар аз Тоҷикистон муяссар нашуд, ки ба кайҳон парвоз кунад. Ба фарқ аз тоҷикон, Қазоқистон бо кайҳоннавардаш Владимир Ҷонибеков ва Қирғизистон бо Солеҳҷон Шарифов ифтихор мекунад. Қазоқистон, ки Байконур, бузургтарин пойгоҳи кайҳонии Иттиҳоди Шӯравӣ дар қаламрави он воқеъ аст ва акнун ба ин кишвар тааллуқ мегирад, теъдоди кайҳоннавардонашро 5 нафар мегӯяд, ки аз ин миён ду нафараш Тӯхтар Абубакиров ва Талъат Мӯсобоев қазоқ ва сеи дигараш аз рустаборанд.

Ва акнун бо вуҷуди тахайлӣ будани парвозаш ба Миррих, шояд Сӯҳроб Камоловро ҳам метавон ба намояндагӣ аз мардуми тоҷик ба ин рӯйхати пурифтихор шомил кард.

Дар ҳар сурат, оғози роҳ гузошта шуд ва ҳавасҳои кушташудаи чандин насло, ки натавонист орзуи кайҳоннавард шуданро ҷомаи амал бипӯшонад, Сӯҳроб Камолов ва дигар пайравони вай амалӣ гардонанд ва номи мардумеро, ки имрӯзҳо дар Расия, барои мисол, бештар ҳамчун як мардикори дар ивази пули ночизе барои ҳар кори сиёҳ муаррифӣ мешавад, ба тарзу гуна ва рангҳои нав муаррифӣ кунанд.

Дар ҳар сурат, худи Сӯҳроб гуфтааст, ки Тоҷикистонро ҳамеша ёд мекунад, бахусус манзараҳои дараи Варзобро. Вай ният дорад, баъди бозгашташ аз "сафар"-и Миррих ҳамроҳ бо аҳли хонавода ҳатман ба зиёрати зодгоҳаш - Душанбе ояд.

**Ҳармагули Қодир**



# ХАРҶИ МАЛАХ, ЛОЙИ МОҲОНА ВА... ЯК ПИЁЛА ЧОЙ



## Ин мафҳумҳо ба ҳам чӣ алоқамандие доранд?

### Аз боло ба боло

Нархҳо имрӯзу ҳар рӯз боло мераванд. (Баъди бандшавии қатораҳои сӯзишворӣ ва маводи дигар, баъди селу жола ва таъсири бади он ба кори деҳқон дигар ба ин чиз шубҳа нест). Ман ва ҳамкасбони ман ба гурӯҳи мардуме шомил ҳастем, ки нисбат ба ин зуҳуроти аксар вақт сунъӣ сохташуда, бетафовут буда наметавонем. Дурустараш болоравии нарх ва қариб нонамоён шудани маош мардуми ин гурӯҳро, ки қисми аксар ҳастанд, ба ташвиш меорад. Қоидаҳои бозорӣ бо қоидаҳои нонавиштаи мардуми савдогар ва онҳое, ки ин ҳама чараёнро дар бозорҳо «назорат» мекунанд, омехта гашта, бори вазнинро фақат ба дӯши онҳое бор мекунад, ки ҳар моҳ мунтазири маош ҳастанд ва дигар манбаи иловагии даромад надоранд. Албатта, ҳукуматдорону роҳбарон гунаҳкор нестанд, ки мардум манбаи иловагии дарёфти маблағ дошта наметавонад ва ё надорад, аммо фақат ҳаминро шиор кардан ҳам дуруст нест! Зеро бештари корҳое, ки аслан бояд барои мардум анҷом дода шавад, он ҳам дар сатҳи зарурӣ анҷом намеёбад. Бигирем, ҳамон сифати маҳсулоти хӯроквориро!

### Роҳ сӯи сифат ва зебоӣ беохир аст?

Дар қарибии манзили зисти мо як мағозае ҳаст, ки мардуми атрофи он қариб ҳама номгӯи маводи ғизоии онро на як бору ду бор бо сабаби он, ки мӯҳлати истифодааш тамоа ва ҳатто истеъмолаш хавфнок ҳам шуда буд, ба фӯрушанда баргардонидаанд. Ман ҳатто ба хулосае омадаам, ки шояд дар Душанбе дар кӯчаи анбори пинҳонии маҳсулоти сифаташ пасту мӯҳлати истифодааш гузашта ва ғайри қобили қабул амал мекунад, ки мардуми «вафодор»-и савдогар маҳз аз ҳамон ҷо маҳсулоти арзон ва бесифатро ба мағозаҳои худ – ба кунҷу канори дигари ин шаҳр (ва шояд тамоми кишвар!) мекашонанд. Вагарна як бор баргардонидани маҳсулоти фурӯхташуда ба он тоҷир бояд дарс шавад, то дубора вай роҳи чунин таҳхонаҳоро аз ёд барад. Ӯ бояд аз рафтани мизоҷонаш дар ҳарос бошад. Аммо ман дар мисоли ҳамин мағозаи назди хонаамон ҳис мекунам, ки ин тавр нест! Ман аз сиҳатии кӯдакон - насли оянда, хавф дорам! Ва баъди ҳамаи ин ҳайрон мешавам, ки чи гуна метавонад, ки маҳсулоти бесифату пастсифат ва мӯҳлати истифодааш гузашта ба мағозаҳо роҳ ёбад?

### «Флинт» дар Душанбе қалбакӣ шудааст

Ман ба ҳамаи кормандони мақомоти андоз, агентии «Тоҷикстандарт» ва нафарони масъули дигар пешниҳод мекардам, ки вақти саҳар ҳамон мошинҳои яхмос, нони хушк (сухарики), картошкаи хушк (чипси) ва маҳсулоти дигари хӯроквориро, ки ба мағозаҳои лоақал назди хонаашон меоянд, тафтиш кунанд! Масалан, ман дирӯз дар як мағозае вақти саҳар мушоҳида кардам, ки нони хушки истеҳсоли Украина бо номи «Флинт» дар халтаҳое ба мағоза дароварда шуд, ки аслан ҳақиқӣ будани онро зери суол мебарад. «Флинт» (ва боз сад чизи дигар!) дар Душанбе алакай (ва кайҳо!) қалбакӣ аст, ҷанобон! Шумо як бор аз пушти мошине, ки саҳарӣ ба мағозаи назди хонаатон ҳасиб меорад, биравед, ку то кучо мебарад он?! Бовар кунед, ман боварӣ надорам, ки ғарами ҳасибҳои қалбакӣ ва бемаззаву пастсифатро масъулон дар мағозаҳои атрофи саристгоҳи роҳи оҳан то меҳмонхонаи «Пойтахт» надида бошанд!? Истеҳсолкунандаи беимону беинсофи ватанӣ ҳамватанонро ба тадриҷ мекушад!

### Боварӣ надорам

Ман шояд хато мекунам, аммо дигар ба «духтурон»-и бозор ва иҷозатномаҳои сифати болои чаккаву тухму гӯшт, ба нозирони сифати маҳсулот ва назорати пардохти андозҳо, (ки бояд додани чекро назорату танзим кунанд!), ба гумрук, ба сертификатҳои гуногуни сифат ва шаробҳои истеҳсоли худӣ ва бегонаҳо… боварӣ надорам!

### Як пиёла чой

Сифати маҳсулоти хӯрокворӣ боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он бевосита ба мардуми оддӣ, зиёиён ва маошгирони бе манбаи иловагии даромад дахл дорад. Зеро он гурӯҳи сарватмандон, ки ҳоло аз мардуми оддӣ рӯз то рӯз дуртар мешаванд, аз он мағоза ва нуктаҳое, ки дигарон ва метавон гуфт, ки аксарият харидорӣ мекунад, чизе намехаранд ва бо боре ҳам ба ин ҷойҳо ворид нашудаанд. Зиёиён, ки «хазинаи тиллоии миллатанд», имрӯз бесифаттарин маҳсулоти ғизоиро мехӯранд. (Ва бесифаттарин нӯшокиро менӯшанд!).

Агар сифати кору сифати маҳсулоти ғизоӣ дар нуктаҳои хӯроки умумӣ назорати ҷиддӣ карда мешуду нозирон аз «як пиёла чой»-и сарварони ҳамин гуна нуктаҳо худдорӣ мекарданд, ин қадар ифлосиву бетартибиву форигболӣ нисбат ба сиҳатии инсонҳо боло намегирифт ва бештар намешуд! Имрӯз дар як шаҳр- дар як фазо ҳама чиз ду нусха дорад - барои бой ва камбағал, фосила миёни як мағозае, ки ба он вазир ворид мешавад ва мағозаи як муаллими оддӣ аз Машриқ то Мағриб аст!

### Нолаҳо аз Малах ва Лой

Аз эҳтимол дур нест, ки дар замонҳои қадим ҳам ба заминҳои мардуми кишоварз малахи зиёд ҳамла мекарду афзоиш меёфт. Ва мардуми камбағал, ки аксар дар он заминхо кор мекард, факат ба умеде, ки серпул шаванд, яъне пулҳои онхо низ мисли малах зиёд шаваду «бачча кунад», пулро ба малах монанд мекарданд. Шояд аз ҳамон давра пулро дар забони гуфтугӯи мардуми оддӣ «малах» мегӯянд, вале новобаста ба ин, имрӯз ҳам малах зиёди зиёд асту пул ками кам! Лой ҳам ба ҳайси яке аз номҳои пул миёни мардум эҳтимол хамин гуна ворид шуда бошад. Бисёр, ки буд (ва ҳаст!), онро мардуми оддӣ ба пул часпониданд, ки пулҳояшон хамин гуна бисёр шавад. Ва ин ду мафҳумро мушаххас аст, ки мардуми оддӣ ба забон ворид кардаанд ва оммавӣ шудааст. Зеро дар замонҳои қадим ҳам, мисли имрӯз, на заминҳои мардуми бойро малах мезаду на кӯчаҳои онҳо пури лой буд!

### Маош ва харҷи моҳона

Ин ягон тадқиқоти таърихӣ набуд. Ман фақат хостам, ки ягон хел вобаста карда, суханро дар ин зерсаҳифа идома бидиҳам. Яъне, ки тафовути бештар дар маоши мардуми мансабдор ва мардуми оддӣ, имрӯз боиси он гаштааст, ки дар кишвар ҳама чиз ду нусха дошта бошад! Молҳо дар як ҷо сифатноку қиммат ва ҷои дигар ҳамон тамға бесифат, аммо на арзон! Имрӯз аксарият, мисли ман, шояд намедонанд, ки мувофиқи хулоса ва тавсияҳои олимону мутахасисони дигар, мардум чи чизҳоро бо кадом миқдор дар як рӯз ё моҳ бояд истеъмол кунад!? Ман хеле зиёд мехостам, ки ҳамин мавзӯъро кормандони Радио ва ТВ ба ҳайси мавзӯи рӯз интихоб кунанд ва ҳар замон дар бораш гӯянд. (Мисли мавзӯи зарари телефонҳои мобилӣ!). Он вақт мардум мефаҳманд, ки бо кӯдаконашон чӣ чизро кай ва чӣ миқдор бояд истеъмол кунанд! Боварӣ дорам, ки он замон қариб ҳама сари маоши каму даромади ночиз қарор мегиранд. Воқеан ҳам маоши миёна бояд лоақал барои ҳамон сабади истеъмолӣ басанда бошад, вале ин тавр нест! Дар Душанбе, ки маоши миёна ҳудуди 600 сомонӣ будааст, ин кор, яъне пурра мутобиқат кардани маоши ҳармоҳа бо харҷи моҳона, ҳоло мушоҳида намешавад!

**Субҳон Ҷалилов**

# БОРГОҲИ ПАЖӮҲИШ

Манбаъ: **http://aioubzod.wordpress.com**

Мавлоно Ҷалолидини Балхӣ солҳо ва қарнҳост, ки бо осору ашъори ноб, ирфонӣ ва иҷтимоии хеш ва бо диду пиндори ҷаҳонии худ таваҷҷуҳи одамони дорои мазҳабу кеш, миллият ва нажоди мухталифро ба сӯи хеш мехонад. Яке аз вижагиҳову хусусиятҳои шеъри ӯ, андешаи ӯ, пиндору гуфтору рафтори ӯ ин албатта бидуни тардид тааллуқият ба ҳама инсонҳост, новобаста аз сину сол ва новобаста аз адёну мазоҳиби динӣ. Осори ӯ лаҳза ба лаҳза ба таври такрор ба бозор меоянд ва мардумони дорои гуногунзаминаро ба самти худ мекашанд. Ростӣ Мавлоноро чи чиз, ё кӣ мӯҷиб гашта ба чунин як шахсияти ормонӣ табдил ёбад? Шамси Табрезӣ кӣ буд, ки инчунин Мавлоноро ошуфтаву шӯрида гардонда буд? Сӯфи кисту зоҳид кист? Ин ва дигар суолҳоро ин мақола аз зовияи нависанда, рӯзноманигор, устод Шоҳмирзои Хоҷамуҳаммад нақл мекунад. Мавсуф узви конфедератсияи байналхалқии журналистон, ҳамчунин муаллифи кутуби “Сурмаи дил” (ҳамроҳ бо писараш Шоҳмансур) ва “Қасидаи ҷавонмардӣ” (дар ҳамкорӣ бо Мирзоҳамдами Шарифзода) буда, “Ахтари зулматсӯз” сеюмин асари ӯ мебошад. Бо манзури рӯшанӣ андохтан бо чанд суоле, ки дар боло зикрашон рафт, дар ин чанд рӯзи пеш Фирдавси Аъзам бо ин нависанда сӯҳбате орост, ки фишурдаи онро манзури шумо хонандагони арҷманд мегардонем.



Шоҳмирзои Хоҷамуҳаммад



# МАРГИ ҒУРУРИ

***- Устод, мехостам суоли нахустро аз чӣ гуна ва бо кадом далоил Мавлоно шудани Ҷалолиддин бидонам?***

***- Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,***
***То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ***

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон ва дуруд бар паёмбару оли ӯ ва салом ба шумову хонандагони арҷманд. Ба ин суол аз ин ҷо ва аз ин нукта шурӯъ мекунам. Ба иллати ваҳшонияти Чингиз, аз бими марг, аз бими он, ки таҷовуз ба номусу нанги аҳли хонавода нарасад, Ҷалолиддин дасти хонаводаашро гирифта Балхро бо мақсади Куния тарк мекунад. Ва дар ин сафар ӯро ҷумла ёру дӯстон ҳамроҳӣ мекарданд ва тамоми балхиёнро барои ҳиҷрат даъват намуд. Дар ин сафар ӯ бо шайхи замон ва сӯфии шаҳири даврон Аттори Нишопурӣ мулоқот мекунад. Албатта, дар аксари сарчашмаҳо чӣ гуна сурат гирифтани бархӯрди ишон мазкур аст, ин ҷо тафсилоти на?ли онро сарфи назар мекунам.

Вакте, ки Мавлоно дар шаҳри Куния машгули тадрису омузиш буд, дар шаҳри дур аз иқоматгҳои Мавлоно ҳотифе ба гӯши шахсе бо инояти Худованд башорат медиҳад, ки бархезу роҳ ҷониби Куния пеш гир ва Ҷалолиддинро Мавлоно гардон. Ин одам Тирмизро бо мақсади Куния тарк мекунад.

***- Маъзарат, устод, оё ин ҳотифро ном чӣ буда?***

- Ин шахсро ном Саидбурҳониддини Сирдон буд. Саидбурҳониддин муҳаққиқи Тирмизӣ муриди покдили падари Мавлоно буд ва нахустин касе буд, ки Мавлоноро ба водии тариқат роҳнамоӣ кард. Бурҳониддин муҳаққиқи Тирмизӣ аз иродатмандон, шогирдон ва муҳиббону муридони содиқу устувори ҳазрати Султонулуламо мебошад. Ӯ бо истеъдод ва маърифате, ки соҳиб буд тавонист дар кӯчактарин замон ба дараҷоти болои сулук бирасад. Саидбурҳониддин Мавлоноро ба сулуки бештар ва фаҳми беҳтари ҳақоиқи дину ирфон даъват намуд. Вай сафар кард то бо муршиди худ Султонулуламо дар Куния дидор намояд. Аммо чун ба Куния расид, муттаваҷҷеҳ шуд, ки ӯ ҷон бохтааст. Пас, назди Мавлоно рафт ва ба ӯ гуфт: «Дар ботини ман улумест, ки аз падарат ба ман мерос монда. Ин маъониро аз ман биёмӯз, то халифи сидқи падар шавӣ». Мавлоно сипас бо дастури ӯ ба риёзат пардохт ва тақрибан 9 сол бо ӯ ҳамнишин буд.

***Буд дар хидматаш ба ҳам нӯҳ сол,***
***То ки шуд мисли ӯ ба қолу ба ҳол***

Бо омадани ин шайх омӯзишу тадриси Мавлоно ба зинаҳои болоӣ роҳ ёфт. Бо таъкиду дархости пири худ Саидбурҳониддини Сирдон Ҷалолиддинро мебоист ба таври такрор китоби бузурги киблагоҳаш Султонулуламоро аз бар намояд. Баъд аз солҳо омӯзишу тадрис, пир ба мурид рӯ оварда башорат медиҳад, ки ӯ аз илми имону зоҳир аз падари хеш пеш рафтааст, лекин дар илми асрор ҳанӯз зинаҳоеро мебояд тай намояд. Яъне, Мавлоноро лозим буд, то ин ду илм - асрору ҳолро аз пири худ Саидбурҳониддин биомӯзад. Ва ҳамчунин ҳам шуд. Аммо лозим ба ёдворасит, ки Ҷалолиддин аз падари бузугвори хеш ба истилоҳ як чизеро ба мерос гирифта буд ва он ғурур буд. Барои инсони комил шудан ӯро мебоист, то ғурури хешро қурбон намояд. Саидбурҳониддин ин вижагиро дар ӯ медид. Мавлоно билохира Саидбурҳониддинро ба масобаи пири хеш пазируфт. Бо дасти муридӣ додани Мавлоно ба муршиди хеш дигар ихтиёрро куллан ба пири худ бахшид.

Бояд гуфт, ки дар он замонҳо дар Куния чун боришот хеле зиёд шуда буд, ҷуйборе, ки аз паҳлӯи масҷид ё мадраса мегузашт, хеле ифлосу касиф буд. Саидбурҳониддин Ҷалолиддинро мефармояд, то ин ҷойҳоро тамизу мураттаб намояд. Мавлоно шабона як чоҳро, ки тозаву тамиз мекард ва чун саҳаргоҳон боз медид, ки он чоҳ пур аз ифлосиву касифӣ шуда. Он ҳама бадбӯиҳоро барканор мекард. Ҳатто ҷойҳое чун дастшӯи (ҳоҷатхонаҳо)- ро тамизу мураттаб менамуд.

Сипас, рӯзе Саидбурҳониддин ба дасти Ҷалолиддин кӯлборе дода, аз ӯ хост, то ба бозор равад ва дарюза ҷамъ кунад, яъне, қаландарӣ кунад барои аҳли мадраса, ин кор ва ин фармон бар шахсе чун Мавлоно хеле гарону сангин буд, аммо ӯ ҳақ надошт, ки аз ҳарфи пир рӯ тобад ва ногузир ба итоати фармони пири хеш буд.

***- Оё ин ҳама фармон аз тарафи Саибурҳониддинро ҳадаф чӣ буда?***

- Пир Саидбурҳониддин мекӯшид, то Ҷалолиддинро гурусна гузорад, чун медонист, ки дар роҳи расидан ба илм гуруснагӣ асарбор аст. Мегӯянд гуруснагӣ чун сарпӯшест, агар сарпӯшро бардорем, барои омӯзиши илм масири тозае боз мешавад. Саидбурҳониддини Сирдон то ба он ҳадде муриди хеш Ҷалолиддинро дар ғояти гуруснагию камхурдан мегузорад, ки ҷисму тани ӯ комилан барои дарки ҳақоиқу асрори Худованд омода мешавад. Асосан шабзиндадорию таҳаҷҷуд, кам хуфтану кам гуфтану кам хӯрдан аз хусусиятҳои аҳли ирфон мебошад, ки нисбати ин чиз хеле сахт мегиранд. Аз диди орифон, онон, ки аз ин хусусиятҳо дуранд, аз аҳли орифон нестанд. Ҳатто Мавлоно дар Маснавӣ ҳикояте дорад, ки дар он ошиқи хоболудро чун кӯдаку хом мешуморад.

Баъд аз он, ки пир муриди хеш Ҷалолиддинро дар улуми зоҳир ба камол дид, аз ӯ хост, то замонеро сарфи улуми ботин намояд, улуме ки аз хилват ҳосил мешавад. Сипас, Мавлоно ба гӯшаи хилват мепардозад, яъне чилла мешинад. Гӯянд ғайр аз обу чанд қурси ҷавин ҳеч чизи дигаре дар он хилват набуд. Баъд аз он, ки чиҳил рҷз бигзашт Саидбурҳониддин дари хилватгоҳро бикшод ва Мавлоноро дид ба ҳузури тамом дар гӯшаи тафаккур сар ба гиребони таҳҳайюр фурӯ бурдааст, яъне ба олами ботин роҳ ёфта. Мавлоно ба намоз истода ниёз мекард. Вай дар ин хилват ба сад ҷилват саропо нур шуда буд:

***Дар ду чашмаш бин хаёли ёри мо***
***Рақс-рақсон дар саводи он басар.***

Ё

***Онон, ки талабгори Худоед, Худоед***
***Берун зи шумо нест шумоед, шумоед.***

Баъдуҳу Саидбурҳониддин шогирди хеш Ҷалолиддинро оғӯш гирифта, табрик мекунад ва дуо намуда башорат медиҳад, ки ба илми ҳолу асрор сазовор шудааст. Саидбурҳонидин саҷдаи шукр ба ҷой овард, ҳазратро дар канор бигрифт, бар рӯи муборакаш бӯсаҳо рехт. Бо гузоштани салла бар сари Ҷалолиддин ӯро имом мехонанд. Баъд пирро лозим мешавад то бо ирода ва инояти Худованд аз муриди хеш ҷудо шавад, аммо Мавлоно намегузошт. Вале чун рафтани Саидбурҳониддин иродаи Худованд буд, ногузир Мавлоноро тарк мекунад. Меравад ба шаҳре, сипас баъд аз чанде Мавлоно хабари ғамини реҳлати ӯро мешунавад ва сахт андӯҳгин мешавад. Аммо лозим ба ёдоварист, ки Саидбурҳониддин қабл аз рафтанаш ба Мавлоно таъкид мекунад, ки замони буданим ман сар омад, пас аз ман каси дигар меояд, ки туро иршод шавад. Инҷо Мавлоно аслан аз кӣ будани шахсияте чун Мавлоно иттилое надорад. Мавлоно дар 37-солагӣ орифу донишманди даврони худ шуд ва муридону мардумон аз вуҷудаш баҳраманд буданд, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо дарвеше дар зиндагии ӯ падидор гашт ва ба гуфти худи Мавлоно оташе дар бешаи андешаҳои Мавлоно афрӯхт.

***-Ӯ ки буд, ки ин гуна Мавлоноро шефтаву савдоии хеш бинмуда?!***

- Ин орифу шайхро ном Шамси Табрезӣ буд. Албатта, мо Шамси Табрезиро бештар аз панҷараи сурудаҳо ва ғазалҳои шӯрдиаи вай аст, ки мешиносем. Аммо бо вуҷуди он ки Шамси Табрезиро комилан намедонем, аммо он чӣ рӯшан аст, асарест, ки бар Мавлавӣ мегузорад ва зиндагии Мавлавиро мамлӯ аз ишқ, ирфон, хилват ва ворастагӣ менамояд ва ӯ ҳамчун сӯфии софшудае ба истилоҳ таваллуди дигар меёбад. Шамси Табрезӣ ончунонон зери таъсири худ қарор медиҳад, ки ӯро то поёни зиндагӣ масту саргаштаву девонаву шӯрида мекунад. Инҷо Мавлоно ҳоли худро чунин шарҳ медиҳад:

***Зоҳид будам таронагӯям кардӣ,***
***Сарҳалқаи базму бодаҷӯям кардӣ.***
***Саҷҷоданишини бовиқоре будам,***
***Бозичаи кӯдакони кӯям кардӣ.***

Рузе Мавлоно аз роҳи бозор ҳамроҳи шогирдону муридони хеш бо саллае дар сар ба хона бармегашт, ки обиде ношинос назди ӯ омад ва густохона пурсид: «Муҳаммад бартар буд, ё Боязид»? Мавлоно бо лаҳне холӣ аз хашм посух дод: «Муҳаммад (сс) сарҳалқаи анбиёст, Боязиди Бастомиро бо ӯ чӣ нисбат?». Дарвеш бонг бардошт: «Пас чаро он як субҳонак мо арафнок гуфт ва ин як субҳони мо аъзам шони ба забон ронд»? Мавлоно андешиду гуфт: «Боязид тангҳавсала буд ва бо як ҷуръа арбада кард ва зарфияти хешро пур дид, аммо Муҳаммад дарёниуш буд бо як ҷом ақлу сукуни худро аз даст надод. Боязид, вақте ки палидиҳову бадиҳову наҷосатҳоро аз вуҷуди худ дур карду тоза намуд, ба зоти Ҳак таоло бирасид. Ин маънии он дорад, ки бо он чӣ, ки дар талаб буд, ҳамин буд ва бо ҳамин зарфият конеъ шуд, аммо ҳазрати паёмбар ҳар рӯз 70 макомро тай мекард ва пушаймонӣ мекард, ки ҳанӯз andar ин 70 мақом чизи каме бардошт намудааст». Пас аз ин гуфтор Шамс аз ҳайбати посухи бисёр дақиқи Мавлоно, ки ӯ аз каси дигаре нашунида буд, беҳуш мешавад ва баъди чанде ба ҳуш меояд ва бегонагии онон ба ошноии рафоқат табдил меёбад. Ба истилоҳ нигоҳи Шамс гуфта буд аз дури дурҳо ба ҷустуҷӯят омадам, аммо бо ин бори гарони илм ва пиндорат чи гуна ба мулокоти Оллоҳ метавонӣ бирасӣ? Ва нигоҳи Мавлоно ба ӯ посух дода буд: «Маро тарк макун дарвеш ва ин бори музоҳимро аз шонаҳоям бардор». Пайдо шудану ворид шудани Шамс дар зиндагии Мавлоно тавониста таҳаввулоти амиқеро дар афкору андешаи ӯ эҷод намояд. Ӯ бо Мавлоно пайваст ва ӯро чунон шефта намуд, ки дарсу ваъзро канор гузошт ва ба шеъру тарона пайваст ва рақси самоъ пардохт ва шоире гашт бемонанд. Аммо касе намедонад ки Шамс бо Мавлоно чӣ гуфту чӣ омухт ва Мавлоно чӣ шуниду чӣ гирифт.

***- Ба ҳар ҳол, оё Шамс чи таҳаввулоте дар андешаву зеҳни Мавлоно тавлид кард ва онҳоро сӯҳбат аз чӣ буд?***

- Пас ин ду ба хилват менишинанд ва ҷамоати азиме дар интизори ин, ки пирашон Мавлоно ояду сухан аз ирфону самоу имону

# МАВЛОНО



зоҳиру нафсу ишқ гӯяд, аммо Мавлоно гӯи ҳамаро дар сӯҳбати Шамс омӯхт. Сипас, натоиҷи ин ҳама сӯҳбату гуфтугӯҳо бо Шамс Мавлоноро билкул тағйир дод ва ӯ дар чеҳраи Шамс Худоро дарёфт. Қулуби эшон он қадар бархӯрди ошиқона намуд, ки дар сӯҳбати эшон ҷуз вожаҳои Ишқ, Малак, Имон, Худо чизе намерехт. Ва дар хабар аст, ки Мавлоно аз бархӯрд бо Шамс сазовори инсони комил гашт. Аммо бояд мутазаккир шуд, ки ҳанӯз пас аз чилла нишастан, пири нахустини Мавлоно Саидбурҳонидини Тирмизӣ хитоб ба Мавлоно чунин гуфта буд: «Муборакат бод, инсони комил шудӣ, акнун бирав роҳи башариятро ба сӯи Худо рӯшани бахш».

Албатта, муридони Мавлоно медиданд, ки пирашон муриди жандапӯше гумномшуда ва таваҷҷӯҳе ба эшон намекунад, ба фитнаҷӯиву бухл рӯ оварданд ва ба Шамс носазо мегуфтанду таҳқираш мекарданд. Шамс, албатта аз ин амалҳои эшон ранҷид ва дар ҳамон замоне, ки Мавлоно 39 сол дошт, аз Куния ба Димишқ меравад. Албатта, ин ба Мавлоно бетаъсир набуд, дурии Шамс ӯро ором намегузошт. Муридон чун мебинанд, ки рафтани Шамс ҳанӯз натавонист ӯро мутаваҷҷеҳи худашон кунад, пушаймон мешаванду аз пири худ пӯзиш металабанд:

*Пеши шайх омаданд лобакунон,*
*Ки бубахшо макун дигар ҳиҷрон.*
*Тавбаи мо бикун аз лутф қабул,*
*Гарчӣ кардем ҷурмҳо аз фузул*

Дар ин миён Мавлоно фарзанди худ Султон Валадро ба дунболи Шамс мефиристад, пайдо мекунаду меораду боз дубора ҳасодати муридон барангехта мешавад ва таҳқир мекунанд, боз меравад ва боз меояд ва рӯҷеъ ба ин ҳолат дар хабар мазкур аст, ки ниёзе ба овардани онро ба тафсири муфассал намебинам. Аммо охирин маротибае, ки Шамс меравад ин бебозгашт буд ва ғуруби ҳамешагии ин хуршеди тобноки ҷаҳони маърифат буд. Саранҷом бехабар аз Куния рафт ва нопадид шуд ва аз торихи сафар ва чи гунагии он касе чизе намедонад. Мавлоно аз маргу реҳлати Шамс хабардор набуд ва ҳатто бовар ҳам намекард, ки Шамси ӯ рафта бошад:

*Ки гуфт, ки он зиндаи ҷовид бимурд?*
*Ки гуфт, ки офтоби уммед бимурд?*
*Он душмани хуршед баромад бар бом,*
*Ду чашм бибасту гуфт: хуршед бимурд?*

Ҳаминро бояд арз намоям, ки Мавлоно дар дуриву фироқи ҷонсӯзи Шамс ноором буд ва рӯзу шаб ба самоъ пардохт ва ҳоли ошуфтааш дар ҳама ҷо бар сари забонҳо афтод:

*Рӯзу шаб дар само рақсон шуд*
*Бар замин ҳамчу чарх гардон шуд.*

Мавлоно чун аз Шамс комилан маҳрум шуд, дур шуд ва чун дар ҳама ҷо ӯро меҷуст, аммо намеёфт. Ҳарчанд Шамсро пайдо накард, лек ҳақиқати Шамсро дар худ ёфт. Яъне, Мавлоно, ки дар пайи ҷустуҷӯи як нафар инсони ормонӣ буд ва дарёфт, он чи ки ба дунболаш аст, дар вуҷуди худаш ҳозир аст. Ӯ бо тамом ба рақси само мепардозад ва онро василае барои раҳоӣ ва гурез медид, ин василае буд, ки барои рӯҳи одамӣ кӯмак мекунад то дуриҳоро фаромуш кунад ва пила-пила ба боми оламӣ қудсу малакутӣ уруҷ кунад.

*Пири ману муриди ман, дарди ману давои ман,*
*Фош бигуфтам ин сухан, Шамси ману Худои ман*

***- Устод бо як ҷумла бифармоед, ки Ишқ аз дидгоҳи Мавлоно чист?***

- Танҳо ҳаминро мехоҳам зикр намоям, ки Ишқи Мавлоно таърифбардор нест. Ӯ мефармояд:

*Дарнагунҷад ишқ дар гуфтушунид,*
*Ишқ дарёест умқаш нопадид.*

Ё, ҷои дигар мегӯяд:

*Шарҳи ишқ ар ман бигӯям бардавом,*
*Сад қиёмат бигзарад в-он нотамом*

***- Устод, агар сухане чанд оид ба вижагиҳо ва авомили башарӣ шудани Мавлоно арз менамудед, хеле мамнун мешудам.***

- Мавлоно чун дигар инсонҳо махлуқи Худованд буд, ӯ медонист, ки ҳама инсонҳо фарзандони Одаму Ҳаввоянд ва эҳтироми ҳамаро ба ҷой меовард. Мавлоно пас аз муддатҳо бемории дарднок чун ин ҷаҳонро матрук кард, дар он рӯзи пурсӯз, Куния ранги сиёҳ бар тан дошт. Сели пурхӯруши мардум, пиру ҷавон, мусалмону габр, масеҳию яҳудӣ, буддоӣ, ҳамагӣ дар ин рӯзи пурсӯз, дар ин мотам ширкат доштанд. Ҳама ӯро аз они худ медонистанд. Вижагии башарӣ шудани Мавлоно низ ҳаминҷост, ки бо ҳар кадоме аз аҳли башар ҳамон тавр буд, ки буданд. Бо габр габр буду бо яҳудӣ аз руи суннатҳои Мӯсо амал мекард. Дар воқеъ, ин донишу биниши маърифати ирфонию сӯфиёнаи Мавлоно мӯҷиб гашта, то ӯ ба унвони инсони комилу ормонии башарӣ шинохта шавад. Ӯ шахрванди ҳамаи мамолики олам аст. Ӯ мутааллиқ ба тамоми башарият аст, бе нишону ломакон аст. Зовияи у тафриқаҳох нест, худ мефармояд:

*Чӣ тадбир, ай мусалмонон, ки ман худро намедонам,*
*На тарсову яҳудиям, на габру на мусалмонам!*
*На шарқиям, на ғарбиям, на барриям, на баҳриям,*
*На аз хоки табииям, на аз афлоки гардонам!*
*Маконам ломакон бошад, нишонам бенишон бошад.*
*На тан бошад, на ҷон бошад, ки ман аз ҷони ҷононам.*

Дигар вижагии Мавлоно дар он аст, ки тавониста дар осори хеш бо нодиртарин ва нозуктарин ва печидатарин мавзуот ва масоили марбут ба одаму табиату офариниш даст занад ва чун вақте як хонанда, масалан хориҷӣ, ин осори ӯро мехонад дар он посухҳоеро, ки муддати тӯлонӣ меҷуст, дармеёбад ва ниёзҳои хешро ба даст меорад. Дар ин бора, яъне рӯзи даргузашти Мавлоно Афлокӣ мегӯяд: «Басе мустакбирон ва мункирон ки он рӯз, зуннор буриданд ва имон оварданд» ва 40 шабона ин азову сӯг бар по буд.

*Баъди чиҳил рӯз сӯи хона шуданд,*
*Ҳама машғули ин фасона шуданд.*
*Рӯзу шаб буд гуфташон ҳама ин*
*Ки шуд он ганҷ зери хоки дафин».*

***- Устод, воқеан андешаи олӣ баён намудед ва чун Мавлоно сӯфии поксиришт буд, мехостам дидгоҳи шуморо оид ба кӣ будани сӯфӣ ва тафовути ӯ аз зоҳид бидонам.***

- Сӯфиён офаринандаи ҳастиро дорои ҳеҷ як аз сифоте, ки мо мешиносем намедонанд ва ӯро болотар аз ҳар пиндору андешае медонанд. Агар аз лиҳози зоҳирӣ бингарем, чӣ сӯфӣ ва чӣ зоҳид, яъне, ҳардуро як чиз номидан дуруст аст, аммо дар ҳар сурат тафовут мавҷуд аст, тафовут аз равишҳост, ки бояд ба инобат гирифта шавад. Зоҳид метавонад мавлависон узлат ихтиёр кунад, сӯфӣ аммо дар миёни мардум бештар аст: ба истилоҳ, дил ба ёру даст ба кор. Сӯфӣ метавонад муртакиби хатову иштибоҳ шавад, яъне, аз нафс пирӯз набошад. Аммо бояд қайд намуд, ки танҳо сӯфии мавлависрате метавонад он ҳама рисолати сӯфигариро ба ҷой оварад. Аз таъсиргузортарин сӯфиён метавон ба Боязиди Бастомӣ, Абӯсаиди Абулхайр, Ҷунайди Бағдодӣ, Ҳофиз, Мавлоно, Саъдӣ, Аттор, Ҷомӣ ва дигарон ишора намуд.

Бузургтарин ҳадафи як суфӣ он аст, ки то ҳадди тавон ба Худо наздик шуда ва хости худро курбони хости Худованд намояд. Ва бинобар ин ба иттилои сӯфиён Худовандро дар тасаввуф «маъшуқ» ё «маҳбуб» мехонанд ва шахси сӯфӣ, ки дар паи Худост,дӯстору «ошиқ» аст. Бинобар ин ҳастии аслии тасаввуф ин аст, ки сӯфӣ-»ошиқ» ба Худованд-»маъшуқ» бипайвандад. Аз тариқи ин ишқи илоҳӣ аст, ки солик (сӯфӣ) дар ниҳоят мемирад (фано мешавад) ва ҳақиқати ӯ низ дар ҳамин нукта нуҳуфтааст, ки бо марги ихтиёрӣ, ки ба вай даст медиҳад, ба бақо мерасад ва он чӣ ба ӯ ваъда дода шудааст, дар ҳамин дунё дармеёбад, на дар дунёи дигар. Аммо зоҳид онест, ки дар хилват аст ва танҳо Худост дар андешаи ӯ ва ёри ӯ ҷуз Худо касе нест. Яъне, ӯ касест, ки қудрату нерӯ дошта бошад, то аз сарватҳову муваффақиятҳои дунё истифода кунад, аммо накунад. Инчунин мегӯянд зоҳид касест, ки вақте ин муваффақиятҳо ва омилҳо ба дасташ меоянд, ҳамашро барои Худо ва дар роҳи Худо кор барад.

***- Чанд сухан дар боби инсондӯстии Мавлоно мегуфтед.***

- Албатта, инсондустӣ ва гуманистии Мавлоно мавзӯест, ки рӯи он бояд тадқиқотҳо ва пажӯҳишҳои густурдаи вижае бояд анҷом дод. Аммо агар Мавлоноро яке аз бунёдгузорони диди демократия номем, хато нахоҳад шуд, чун маънои демократия аз ҳуқуқи мардум дифо кардан, эҳтиром гузоштан ва фармудаҳои Худовандро ба ҷо овардан аст. Инчунин, ба инсонҳо арҷ гузоштан, кадр кардан, ба ин шомил мешавад эҳтироми ҳайвонот, наботот, хоку сайёра ва муҳимтар аз ҳама худи Инсон. Мавлоно яке аз пойгузорони ин истилоҳ аст, ки тавониста онро дар зиндагии худ ва дигарон пиёда намояд. Ҳамин гуманистии ӯст, ки бо марги хеш ҳазорон нафарро муттаҳид сохт ва садҳо инсонҳои мухталифадёнро ба сӯи хеш хонд. Зеро гавҳари ӯ осмонӣ аст, на хокӣ ва аз арш аст, на фарш. Худ ин идаоро тасдиқ мекунад:

*Мо зи болоем, боло меравем,*
*Мо зи дарёем, дарё меравем*
*Мо аз онҷову аз инҷо нестем*
*Мо зи беҷоему беҷо меравем.*

Худованд, ки дин офаридааст ва ин дин маҷмӯаи қонунҳои ахлоқӣ аст, ки инсонҳо бояд риоя кунанд, дар масири каломи Худову аҳодиси набавӣ. Мавлоно аз он сӯфиёне буд, ки ҳама адён ба намояндаҳои онҳоро эҳтиром мекард ва касеро барои гаравидан ба ин ё он дине тарғиб наменамуд. Аммо ҳазорон тан аз аҳли башарият ҳанӯз дар замони дар ҳаёт буданаш тавассути таълимоту андешаи ӯ ба дини Ислом гаравиданд. Ва ӯро ба масобаи як паёмбари иршоддеҳ эҳтиром мекарданд.

***- Дар интиҳои сӯҳбат ташаккур мекунам аз ин, ки фурсати гаронмояи хешро барои мо армугон доштед. Агар паёме дошта бошед, бифармоед.***

- Миллати мо, ки миллати соҳибтамаддуну тамаддунэҷод аст, орзу мекунам, ҳамон суннатҳои ниёкони фарҳангпарвари гузаштаи мо дар ҷомеаи имрӯзаи мо муҳтарам бошанд. Мардум масири Мавлоноро баргузинанд. Устод Лоиқ чӣ хуб фармуда:

*То чанд ту бо гузаштагон менозӣ,*
*Бо Рӯдакию бо Ҳофизи Шерозӣ.*
*Вақт аст сари минбари озоди сухан,*
*Хаёми дигар, Ҳофизи дигар созӣ.*

Ин ҳама ишора мешавад ба самти тарбияи насли имрӯз дар рӯҳияи ватандӯстиву фарҳангпарварӣ. Орзу мекунам, ки дар васати ҷомеаи ҷавонони мо Мавлоновy Ҳофизу Рудакиву Хаёму Атторy садҳо нобигагони дигар арзи ҳастӣ кунанд.



Профессор Карим АБДУЛОВ, узви Иттифоқи нависандагон ва журналистони Тоҷикистон

# ЗАБОНИ ҶОВИДОНИ РӮДАКӢ

**(Идомаи силсиламақолаи «Даҳ рукни ҷаҳонсолории Рӯдакии муаззам»)**



…Дар марҳалаи имрӯзаи рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ, ба андешаи ман, ба масъалаҳои зерин бояд бештар таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад:

Якум. Таҳқиқи фарогири лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ.

Дуюм. Истифода аз захираи дуғату истилоҳоти ҳамзабонон.

Сеюм. Масъалаи забони меъёр ва ҳусни баён.

Чорум. Чунон ки ман чандин бор таъкид кардам, Тоҷикистон аз қадим макони густариши забонҳои эрони шарқӣ буда, ҳамчун осорхонаи зинда ва озмоишгоҳи бебаҳои таърихи забонҳои эронӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ин ганҷинаи таърих низ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба бояд қарор дода шавад.

Панҷум. Татбиқи Қонуни забон.

…Масъалаи дигаре, ки имрӯз дар атрофи он баҳсу мунозираҳо бархостаанд, мавзӯи бозгашт ба алифбои арабиасос, яъне алифбои ниёгон аст.

…Имрӯз дар кишвари мо барои омӯхтани хати ниёгон ягон мамониат вуҷуд надорад. Дар айни замон бояд гуфт, ки ба назари мо онҳое, ки ҷонибдори якбора ба хати арабӣ бадал сохтани хати кириллӣ ҳастанд, мушкилоти воқеӣ ва марҳалаи таърихиро ба инобат намегиранд.

Гузашта аз ин, ба назар чунин мерасад, ки ин баҳс аз ҷониби баъзе доираҳои ҳавасманди хориҷӣ ва дохилӣ бе ягон зарурат ба таври сунъӣ дар ҷомеаи мо барангехта мешавад.

…Набояд фаромӯш кард, ки ҳар як тағйири алифбо сабабҳои сиёсӣ, таърихӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ дорад. Агар хатҳои меҳӣ, паҳлавӣ ва суғдӣ аз рӯи зарурати фарҳангӣ ҷорӣ шуда бошанд, арабӣ ва кириллӣ ҷанбаи сиёсӣ доштанд.

…Дар шароити кунунӣ, вақте ки соҳаи маориф ва ҷараёни таълиму тадрис бе ин ҳам проблемаҳои зиёд дорад, боз як бори дигар табдил додани алифбо шитобкорӣ хоҳад буд. Ба ин кор ҳоло ягон зарурати объективӣ ҳам нест.

…Табдили бошитоби алифбо ва гузариш аз як хат ба хати дигар бидуни зарурати ҷиддӣ метавонад ба ин раванд халал ворид намояд ва мардумро ба озмоишҳои мушкил рӯбарӯ созад. ҳамин тариқ, кишвари мо ба табдили хатти кириллӣ ба ягон хатти дигар ҳеҷ гуна ниёз надорад. Чунин аст маъқеи мо нисбат ба ин масъала".

Шашум, мавқеи забон дар даврони шӯравӣ ва бой гардидани забонҳо аз таъсири ҳамдигар. Бешак, забони тоҷикӣ дар замони шӯравӣ марҳилаҳои басо душвор, вале эҳёкунандаи худро аз сар гузарондааст. Агар дар солҳои бистуми асри XX ва ибтидои солҳои сиюм ба забони тоҷикӣ хатари аз байн рафтан таҳдид мекарда бошад, пас бо кӯшиш ва пофишориҳои қаҳрамононаи устод Садриддин Айнӣ халқи тоҷик соҳибном ва соҳибдавлат шуд.

Баробари ин устод Айнӣ пеш аз ҳама ба ҳимояи забони миллии тоҷикӣ бархост ва парчами асосии муборизаҳои ӯ адабиёти оламшумули мо буд. Китоби барои миллати мо тақдирсози "Намунаи адабиёти тоҷик", ки соли 1926 дар Маскав нашр шуд, шиносномаи асосии халқи тоҷик буд. Дар радифи муборизаҳояш бо навишти мақолаҳои илмию таърихӣ устод Айнӣ вазифа ва кори дигари боз ҳам муҳимтарро ба дӯши худ гирифт: ин ба вуҷуд овардани забони соддаю шево ва қобили қабули омма дар шакли асарҳои бадеӣ монанди повестҳои "Одина"-ю "Дохунда", романҳои "Ғуломон"-у "Ёддоштҳо" ва бисёр асарҳои дигари ӯ мебошад. Устод Айнӣ бо ҳамин хидматаш ва кораш ба забони тоҷикӣ болу пари парвоз ва умри дубора бахшид.

Албатта давомдиҳандагони кори ӯ-шогирдонаш, насли комсомоли адабиёти шӯравии тоҷик, монанди Мирзо Турсунзодаю Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзодаю Абдусалом Деҳотӣ, Раҳим Ҷалилу Ҷалол Икромӣ, ҳаким Кариму Пайрав Сулаймонӣ, Боқӣ Раҳимзодаю Фотеҳ Ниёзӣ, Лутфулло Бузургзодаю Ғанӣ Абдулло, ҳабиб Юсуфию Муҳиддин Аминзода, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор, Аскар ҳаким, Қутбӣ Киром, Гулрухсор, Низом Қосим низ дар эҳёи дубораи забони тоҷикӣ хизмати шоистаро анҷом додаанд.

Бубинед, шоирони солҳои 70-80-уми асри XX-и тоҷик оиди забони тоҷикӣ чӣ мефармоянд:

### Лоиқ Шералӣ:

*Бок не гар доварӣ гум кардааст,*
*Ё умеди сарварӣ гум кардааст.*
*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.*

### Бозор Собир:

*Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,*
*Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.*
*То забон дорад, ватандор аст ӯ,*
*То забон дорад, бисёр аст ӯ.*

### Аскар ҳаким:

*Аз миллату аз забони худ ёд кунед,*
*Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.*
*То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли шумо,*
*Дунёи варо тоҷикӣ бунёд кунед.*

### Гулрухсор:

*Эй забони ҷовидони Рӯдакӣ,*
*Дашнаву тегу синони Рӯдакӣ.*
*Аз забони ворисон уфтодаӣ,*
*Дар замини садзабони Рӯдакӣ.*

### Рустами Ваҳҳоб:

*Он ҷо, ки салоҳ нотавонӣ бошад,*
*Афсонаи бехудӣ ҷаҳонӣ бошад.*
*Зинҳор забони тоҷикон давлатӣ нест,*
*То давлати тоҷикон забонӣ бошад.*

### Низом Қосим:

*Эй порсӣ, имрӯзи ман, оянда ман,*
*Эй дар ду ҷаҳон забони поянда ман.*
*Аз олами фонии ман умеде нест,*
*Умеди абад туӣ, абадзиндаи ман.*

(*Давом дорад*)



# ПАЁМҲОИ БОЗАРГОНӢ

Иҷораи хонаи 3-ҳуҷрагӣ бо шароитҳои зарурӣ, дар маркази шаҳр, дар рӯ ба рӯи қасри президент (мувофиқ барои зист ва дафтари корӣ)

ТЕЛ: 237-28-68; 95-153-45-54

***

Иҷораи ҳавлии 2 ошёна, бо ҳама шароитҳои зиндагӣ, ҳавлӣ, таҳхона, боғ, истгоҳ дар кӯчаи Хамадони бо иҷораи дарозмуддат дода мешавад (мувофиқ барои хона, дафтари корӣ ва сафоратхонаҳо) ТЕЛ: 237-28-68, 95-153-45-54

***

Иҷора барои қароргоҳи сафоратхонаҳо, офисҳои корӣ, ресторан, марказҳои омӯзишӣ ва ғайра.Ҷойгиршавӣ-маҳаллаи Зарафшон-1, бо ҳудуди калон-0,42га, толор ва утоққои корӣ.

ТЕЛ: 237-28-68, 95-153-45-54, 919-58-08-55

***

Хона 4-ҳуҷрагӣ дар ошёнаи 4, дар бинои 9-ошёнагӣ, таъмири олӣ, воқеъ дар маҳаллаи Зарафшон.

Тел: 93-558-69-69

***

2 дукон дар бозори Зарафшон-1 ба иҷора дода мешаванд.

***

Ҳавлӣ, иборат аз 5 хонаи сохтмонаш нотамом ва 10 сотих замин дар наздикии Фабрикаи паррандапарварӣ.

Телефон: 919235505




Шаҳрвандони мӯҳтарам, метавонед аз толорҳои калону хурди «Боргоҳи сухан», тарабхонаи он истифода намуда, тӯйу маросимҳои фарҳангӣ, шоми эҷодӣ, зодрӯз ва дигар маъракаҳои шахсии худро гузаронед. «Боргоҳи сухан» дорои имконоти техникӣ, толорҳои 40-50-100 ва 250 нафара буда, аз рӯи хоҳиши шумо, ҷашну маъракаҳоятонро дар сатҳи баланди фарҳангӣ муҳайё месозад.

# БОРГОҲИ ВАРЗИШ

# Кӯлобиҳо «Истиқлол»-ро аз сармураббӣ ҷудо карданд

Ҳарчанд дар ин давр мутахассисон бозии марказиро байни дастаҳои «РегарТадАЗ»-«Хуҷанд» медонистанд, вале баъди анҷоми даври 11-уми чемпионат диққати бештари мухлисон ба бозии «Истиқлол»-«Равшан» дода шуд, зеро дастаи пойтахт бо кӯлобиҳо мусовӣ кард, Рабиев боз зарбаи 11-метраро задан натавонист ва оқибат Салоҳиддин Ғафуров аз вазифа озод карда шуд.

## Усули Ашӯрмамадов кор надод

«Хайр»-«Энергетик» 3:0

Дар даври аввали чемпионат нигоҳ накарда ба он, ки ваҳдатиҳо меҳмони баркчиён буданд, тавонистанд ғолиби бозӣ гарданд. Ва ин дафъ низ касе шубҳа надошт, ки дастаи навтаъсис дар майдони худ ғолиб мешавад. Вале бо чунин ҳисоб мағлуб гаштани баркчиёнро низ касе интизор набуд. Бо оғози даври дуюм сармураббии дастаи «Энергетик» Алиёр Ашӯрмамадов таъин гардид. Пеш аз ин бозӣ дастаи «Энергетик» бо дастаи «Равшан» вохӯрда дар ҳарду ғалаба ба даст оварда буд. Бояд гуфт имрӯз Ашӯрмамадов аз ҳамон усуле, ки соли гузашта бо КМВА «Помир» кор мекард, яъне бозӣ дар хатти ҳимоя дар дастаи «Энергетик» низ аз ин усул истифода мебарад. Дар ин вохӯрӣ дар ҳайати соҳибони майдон ду бозигари асосӣ - капитани даста Исроил Идиев ва ҳуҷумкунанда Мирзобек Мирзоев, аз сабаби дар бозии гузашта кортҳои сурх гирифтан, иштирок надоштанд. Барои меҳмонон иштирок накардани ин бозигарон хуб буд, вале бе ин бозигарон ҳам дастаи «Хайр» тавонист меҳмононро шикаст диҳад. Се голи бечавобро ба дарвозаи меҳмонон Обидҷон Исмоилов (43, 90+1) ва Раҳмоналӣ Баротов (83) заданд.

## Автоголи дуюми чемпионат

«РегарТадАЗ»-«Хуҷанд» 2:0

Тавре медонем дастаи «Хуҷанд» имсол бештар голҳои фаврӣ мезанад. Вале дар ин вохӯрӣ баръакс соҳибони майдон тавонистанд дар дақиқаи 2-юми бозӣ ҳисобро кушоянд. Бояд гуфт, даври аввали чемпионат дастаи «Хуҷанд» натиҷаи хуб ба даст оварда буд, вале бо оғози даври дуюм хуҷандиҳо натиҷаҳои хубтар нишон медиҳанд. Баъди ҳисоби дуранг бо қаҳрамони феълии кишвар хуҷандиҳо ба майдон дилпуроона баромаданд. Регариҳо бошанд, дар ин вохӯрӣ назар ба меҳмонон начандон бозии хуб нишон доданд. Агар дар даври аввали чемпионат регариҳо дар сафар соҳибони майдонро бо ҳисоби 4:1 шикаст дода бошанд, пас дар майдони худ танҳо ду гол



Салоҳиддин Ғафуров

заданд. Бозӣ метавонист бо задани як гол низ ба анҷом расад, вале яке аз ҳимоягарони дастаи «Хуҷанд» Хайриддин Турсунов ба хатои роҳ дода, ба дарвозаи худ гол зад. Голҳоро Ҷомихон Муҳиддинов (2), Хайриддин Турсунов (39 автогол) заданд.

## Бохти «Парвоз» давом дорад

«Вахш»-«Парвоз» 2:1

Бо оғози даври дуюм ин мағлубияти дуюми дастаи «Парвоз» бо чунин ҳисоб мебошад. Қаҳрамони кишвар дар майдони худ одати бохтан надорад. Кӯшиш мекунад, ғалаба ба даст оварда, мухлисонашро шод намояд. Дар даври аввали чемпионат, қаҳрамони кишвар дастаи «Вахш» аз бозиҳои интихобии президенти КФО баргашта, бо дастаи «Парвоз» бозӣ карда буд, ки ҳисоби бозӣ дуранг - 1:1 ба анҷом расид. Голҳоро Нӯъмон Ҳакимов (19), Аҳтам Ҳамроқулов (73) ва як голи меҳмононро Мансур Ҳакимов (50) ба ҳадаф расонд.

## Ғафуров аз вазифа озод шуд

«Равшан»-«Истиқлол» 2:2

Ин вохӯрӣ баъди анҷом ёфтанаш бозии марказии давр дониста шуд. Аслан ин вохӯрӣ бояд дар шаҳри Кӯлоб мегузашт, вале аз сабаби он, ки майдони даста то ҳол дар таъмир аст, бори дигар дастаи «Истиқлол» кулобиҳоро ба меҳмонӣ қабул кард. Панҷ рӯз пеш аз ин бозӣ ин дастаҳо бо ҳам вохӯрда буданд ва соҳибони майдон бо ҳисоби калон 5:0 меҳмононро мағлуб карданд. Дар ин вохӯрӣ низ мутахассисони соҳа ҳангоми пешгӯӣ кардан, ғолибиятро ба фоидаи душанбегиҳо медонистанд, вале ғайричашмдошт ин бозӣ бо ҳисоби 2:2 ба анҷом расид. Ҳарчанд «Истиқлол» дар майдони худ бозӣ мекард, аммо қаҳрамонии пешинаашро такрор кардан натавонист. Дар вохӯрии «Истиқлол» бо қурғонтеппагиҳо, ки 1:1 шуд, сармураббӣ Салоҳиддин Ғафуров мусовиро дар майдони худ ҳамчун шикаст қабул буд. Агар чунин бошад, пас барои «Равшан»- Кӯлоб шояд ин мусовӣ ғалаба аст? Бархе бар он назаранд, ки дастаи «Истиқлол» нисбати ҳарифи худ, нописандӣ карда, тамоми маҳорати худро нишон надод. Юсуф Рабиев яке аз ҳуҷумкунандаҳои беҳтарини даста, дар ин вохӯрӣ низ аз ӯҳдаи задани зарбаи 11-метра баромадан натавонист. Баъди ин бозӣ сармураббии дастаи «Истиқлол» аз кор озод карда шуд. Айни замон вазифаи сармураббӣ ба дӯши Қаноат Латифов, ёвари сармураббии собиқ гузошта шудааст. Кӣ медонад, шояд дастаро барои вохӯрӣ бо клуби немисии «Хессен-Кассел» (3-юми июн, варзишгоҳи марказӣ) маҳз ҳамин мутахассис тайёр кунад. Голҳоро Нуриддин Давронов (3), Юсуф Рабиев (23) ва Наврӯз Рустамов (23, 69) заданд.

**Ганҷина Собирова, махсус барои «БС»**

## Тақвими вохӯриҳои Мусобиқоти ҷаҳон-2010, ки дар Африқои Ҷанубӣ мегузарад

| № | Рӯз | Соат | Дастаҳои ҳариф | | | Намоиш | Ҳисоб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 21 | 18.06 | 16:30 | Германия | v | Сербия | 1 канал | |
| 22 | 18.06 | 19:00 | Словения | v | ИМА | Россия 2 | |
| 23 | 18.06 | 23:30 | Англия | v | Алҷазоир | 1 канал | |
| 24 | 19.06 | 19:00 | Гана | v | Австралия | 1 канал | |
| 25 | 19.06 | 16:30 | Голландия | v | Япония | Россия 2 | |
| 26 | 19.06 | 23:30 | Камерун | v | Дания | Россия 1 | |
| 27 | 20.06 | 16:30 | Словакия | v | Парагвай | 1 канал | |
| 28 | 20.06 | 19:00 | Италия | v | Зеландияи Нав | Россия 2 | |
| 29 | 20.06 | 23:30 | Бразилия | v | Кот-д'Ивуар | 1 канал | |
| 30 | 21.06 | 16:30 | Португалия | v | ҶХД Корея | Россия 2 | |
| 31 | 21.06 | 19:00 | Чили | v | Швейсария | Россия 2 | |
| 32 | 21.06 | 23:30 | Испания | v | Гондурас | Россия 1 | |
| 33 | 22.06 | 19:00* | Мексика | v | Уругвай | Россия 2 | |
| 34 | 22.06 | 19:00* | Франсия | v | Африка | Россия 2 | |
| 35 | 22.06 | 23:30 | Нигерия | v | Кореяи Ҷанубӣ | Россия 2 | |
| 36 | 22.06 | 23:30 | Юнон | v | Аргентина | Россия 1 | |
| 37 | 23.06 | 19:00 | Словения | v | Англия | 1 канал | |
| 38 | 23.06 | 19:00 | ИМА | v | Алҷазоир | Россия 2 | |
| 39 | 23.06 | 23:30 | Гана | v | Германия | 1 канал | |
| 40 | 23.06 | 23:30 | Австралия | v | Сербия | Россия 1 | |
| 41 | 24.06 | 19:00 | Словакия | v | Италия | 1 канал | |
| 4[redacted] | [redacted] | [redacted] | Парагвай | v | Зеландияи Нав | Россия 2 | |
| 4[redacted] | [redacted] | [redacted] | Дания | v | Япония | Россия 2 | |
| 4[redacted] | [redacted] | [redacted] | Камерун | v | Голландия | Россия 1 | |
| 4[redacted] | [redacted] | [redacted] | [redacted]ортугалия | v | Бразилия | 1 канал | |
| 4[redacted] | [redacted] | [redacted] | [redacted]ХД Корея | v | Кот-д'Ивуар | Россия 2 | |
| 4[redacted] | [redacted] | [redacted] | Чили | v | Испания | 1 канал | |
| 4[redacted] | [redacted] | [redacted] | Швейсария | v | Гондурас | Россия 1 | |

# МҶ-2010

## Натиҷаи вохӯриҳо то 15.06



Тшабалала голи аввалинро зад

Африка - Мексика - 1:1 (0:0)
Тшабалала, 55 (1:0). Маркес, 79 (1:1).
Уругвай - Фаронса - 0:0
Кореяи Ҷанубӣ - Юнон - 2:0 (1:0)
Ли Ҷун Су, 7 (1:0). Пак Ҷи Сун, 52 (2:0).
Аргентина - Нигерия - 1:0 (1:0)
Хайнсе, 6 (1:0).
Алҷазоир - Словения - 0:1 (0:0)
Корен, 79 (0:1).
Англия - ИМА - 1:1 (1:1)
Ҷеррард, 4 (1:0). Демпси, 40 (1:1).
Германия - Австралия - 4:0 (2:0).
Подолски, 8 (1:0). Клозе, 26 (2:0). Мюллер, 68 (3:0). Какау, 70 (4:0).
Голландия - Дания - 2:0 (0:0).
Аггер, 46 – автогол (1:0). Кёйт, 85 (2:0).
Япония - Камерун - 1:0 (1:0).
Хонда, 39 (1:0).
Италия - Парагвай - 1:1 (0:1).
Алкарас, 39 (0:1). Де Росси, 63 (1:1).



Хайнсе голи зебо зад

*** Шояд вақти намоиш тағйир ёбад**